ҲАСАНИ МУҲАММАДӢ

# ИН ВАТАН ЗИНДА ДАР ҶАҲОН МЕБОД

## Намунаи сенарияи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо

**ДУШАНБЕ**
**«Аржанг»**
**2016**

**ТКБ 83.3 (2 тоҷик) + 63.3 (2 тоҷик) + 92я2 + 84 тоҷик 7-4**
**М - 95**

***Бо қарори Шӯрои илмӣ-методии Пажӯ-ҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фар-ҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷум-ҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2016 ба нашр тавсия шудааст.***

**Муҳаррир**
*Шариф Комилзода, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент*

**Муқарриз**
*Мурод Муродов,доктори илмҳои филологӣ, профессор*

**Муҳаммадӣ Ҳ. Ин Ватан зинда дар ҷаҳон мебод:** Намунаҳои сенарияи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо / Муҳаррир Ш. Комилзода. – Душанбе: Аржанг, 2016. - 64 с.

*Дар ин рисола ду сенарияи намунавӣ, оид ба ҷашни* ***25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон****, ба ҳаводорони фарҳанг пешниҳод карда мешавад. Яке бо номи «Ин Ватан зинда дар ҷаҳон мебод», дигаре «Ватан, бо роҳи ту замон меравад».*

@ Муҳаммадӣ Ҳ., 2016
@ ПИТФИ, 2016.

# Оғози сухан

Дар ин китоб ду сенария, оид ба ҷашни **25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон**, ба ҳаводорони фарҳанг пешниҳод карда мешавад. Яке бо номи «Ин Ватан зинда дар ҷаҳон мебод», дигаре «Ватан, бо роҳи ту замон меравад».

Ин ду асар аз ҷиҳати ҳаҷм, услуби нигориш, истифодаи маълумоти оморӣ ва маводи илмию адабӣ, аз якдигар фарқ мекунад. Ҳангоми ороиши ҷашнвора, таҳиягарони барнома, вобаста ба имконияти воқеӣ, яке аз онҳоро интихоб менамоянд, вале мазмуну моҳияти ҳарду сенария якест: ифтихор аз эҳсоси ватандорӣ ва худшиносии миллӣ.

Мақсади муаллиф кумак расонидан ба ходимони фарҳанги шаҳру ноҳияҳои сарзамини Тоҷикистон аст, ки аз оғози соли 2016 ба ҷашни чорякасраи фархундаву муборак омодагӣ мегиранд.

Шуъбаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо ин ду сенарияро мавриди истифода қарор дода, метавонанд онро аз ҳисоби имкониятҳои воқеии маҳаллӣ ва дастоварди фарҳанги минтақаи хеш тағйиру такмил диҳанд. Далелҳои оид ба ҳаёти иҷтимоӣ оварда, ки аз матбуоти даврӣ ва китоби «Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарчашма мегиранд, кори онҳоро осон менамояд.

Дар сенарияи дувум далелҳои ҳаёти иҷтимоӣ аз «Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз таърихи 20.01.2016 ва Маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз таърихи 21 январи соли 2016, оиди натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварамон дар соли 2015 мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Воситаҳои ороиши шаҳру ноҳия, базмгоҳ низ аз ҳисоби имконият ва дастоварди фарҳанги минтақа мумкин аст, ки тағйир дода шаванд, ҳамчунин, дастандаркорон намунаи ашъори ҷашниро метавонанд, вобаста ба завқу салиқаи мардуми навоҳиву шаҳрашон, аз ҳисоби эҷодиёти

халқ ва қаламкашони маҳаллӣ, тағйиру такмил диҳанд.

**Ҳасани Муҳаммадӣ**

## ИН ВАТАН ЗИНДА ДАР ҶАҲОН МЕБОД

*Намунаи сенарияи ҷашни25-солагии Истиқлолияти давлатии ҶумҳурииТоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо*

**«Дар чунин шароити ҳассос ва зудтағйирёбандаи сайёра вазифаи имониву инсонии ҳар як шахси огоҳу бедордил ва ҳар як фарди банангу номуси миллати сарбаланди тоҷик бояд аз таблиғи бедории миллӣ, зираkиву ҳушёрии сиёсӣ, ҳисси баланди ватандориву ватандӯстӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ иборат бошад».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

## Мазмун ва моҳияти ҷашни Истиқлолият

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол 9 сентябр ҳамчун рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад, ки он саромади ҳамаи идҳост. Халқу Ватани азизамон Панҷсолагӣ, Даҳсолагӣ, Понздаҳсолагӣ ва Бистсолагии онро таҷлил намуд. Инак, соли 2016, Бисту панҷсолагии он фаро мерасад. Ҳар қадар ки шумораи ин санаи муҳимми таърихӣ афзун гардад, ҳамон қадар мазмуну моҳияташ амиқтар эҳсос мешавад.

Дар остонаи ин ҷашни муборaку фархунда, ҳар як шаҳрванди сарзамини офтобӣ дастовардҳои халқу ватанро пеши назар овардан мехоҳад. Бо ин мақсад

саҳифаҳои китоби таърихи Бисту панҷсолагии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистонро варақ мезанад.

## Дар бахши сиёсат ва таҳкими давлатдорӣ

29-31 августи соли 1991 маҷлиси ғайринавбатии Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон даъвати 12 баргузор гардид, ки дар он Қонун дар бораи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил додани РСС Тоҷикистон қабул карда шуд. Ҳамин тавр, дар харитаи сайёраи сабзи Замин давлати тозабунёди тоҷикон бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо шуд.

16 ноябр–2-уми декабри соли 1992, дар Қасри Арбоби ноҳияи Хуҷанд, сессияи таърихии ХУ1 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати 12 баргузор шуд, ки дар он Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

2 марти соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид дохил шуд.

6 ноябри соли 1994, дар раъйпурсии умумихалқӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд.

27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид.

6 ноябри соли 1994, 6 ноябри соли 1999, 6 ноябри соли 2006 ва 6 ноябри соли 2013 дар интихоботи президентӣ, Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

1 январи соли 2003 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи «Сиёсати дарҳои боз» изҳори андеша намуд.

«9 декабри соли 2015 дар иҷлосияи дуюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати панҷум Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат»** ба тасвиб расид. Ин санади муҳимми таърихӣ бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби гурӯҳи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи дархосту пешниҳоди мардуми кишвар, таҳия ва пешниҳод гардид. Қонуни мазкур 18 декабр аз тарафи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ якдилона ҷонибдорӣ ва 25 декабр аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуд».

## Дар бахши иқтисодиёт

Ҳаҷми даромади буҷет дар соли 1997 **саду даҳ миллион**, соли 2000 **дусаду панҷоҳ миллион**, соли 2011 **ҳашту аз даҳ се миллиард сомониро ташкил медиҳад,** ки ин нисбат ба соли 1997 **ҳафтоду панҷ** маротиба зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар соли 2014 **чордаҳ миллиарду чорсаду бисту ҳафт миллион** сомониро ташкил медиҳад.

Аз давраи соли 1997 то ба соли 2011 ҳаҷми моҳона тақрибан ҳафтод баробар, андозаи миёнаи нафақа ҳаштоду панҷ баробар афзуд.

Маҳсулоти саноат дар давоми солҳои 1997-2010, ҳар сол ба ҳисоби миёна, **нуҳ** фоиз афзудааст. Дар соли 2010 нисбат ба соли 1997 **дую аз даҳ шаш баробар** зиёд маҳсулот истеҳсол карда шуд.

Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ соли 2008 **ҳабдаҳ милиарду ҳафтсаду шашу аз даҳ нуҳ миллион** сомонӣ, соли 2014 **45605,2 миллион** сомониро ташкил намуд.

Дар мавзеи Ошобаи ноҳияи Ашти вилояти Суғд кони бузурги тилло кашф гардид.

Бонки ҷаҳонӣ Тоҷикистонро дар қатори даҳ давлати дигар **«Беҳтарин давлати ислоҳотгар»** донист.

Барои сохтмони танҳо се корхонаи саноатӣ дар минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» **як миллиарду шашсад миллион** сомонӣ сармояи муштараки Тоҷикистону Чин равона гардид.

«Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитоӣ» баробари ба фаъолият оғоз намудани конҳои Зарнисори шимолӣ истиқроҷи маъданро ба **яку аз даҳ панҷ миллион тонна расонд**.

Корхонаи воҳиди давлатии «Насби нақлиёти барқӣ (троллейбус) ва велосипед» понздаҳ троллейбуси худӣ истеҳсол кард.

## Дар бахши рушди шаҳру ноҳияҳо ва манзили истиқоматӣ

Дар бобати рушди шаҳру ноҳияҳои мамлакат, дар давоми даҳ соли охир (то соли 2010), аз ҳисоби буҷаи мамлакат ва дигар сарчашмаҳо, ба маблағи бештар аз **сӣ миллиард сомонӣ** сарф шудааст.

Дар даврони истиқлолият барои 141 ҳазор оила бештар аз ҳашту аз даҳ чор миллион метри мураббаъ манзили истиқоматӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Масоҳати умумии хонаҳои истиқоматии ба истифода додашуда дар соли 2008 **763,0 ҳазор метри мураббаъ**, дар соли 2014 **1123,3 ҳазор метри мураббаъро** ташкил медиҳад.

Масоҳати умумии манзили истиқоматӣ ба як шаҳрванд, дар соли 2008, **8,5 метри мураббаъ**, дар соли 2014,**13,4 метри мураббаъро** ташкил медиҳад.

## Дар бахши маориф

**«Рушди соҳаи маориф,-таъкид мекунад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон,-яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати мо эълон шудааст».**

Ҳукумати Тоҷикистон соли 2008 Барномаи давлатии сохтмон ва таъмиру азнавсозии мактабҳоро барои солҳои 2008-2015 қабул намуд, ки маблағи умумии он зиёда аз **шашсад миллион сомони**ро ташкил дод.

Дар замони истиқлолият, то соли 2011, дар миқёси мамлакат **1200 бинои** мактаби ҳозиразамон, барои **311 ҳазор** ҷойи нишаст, сохта, ба истифода дода шуд.

Шумораи мактабҳои рӯзонаи маълумоти умумӣ дар соли 2008 **се ҳазору ҳаштсаду ҳашт** адад, соли 2014 **се ҳазору ҳаштсаду сию шаш** ададро ташкил намуд.

Шумораи мактабҳои олӣ дар соли 2008 (якҷоя бо филиалҳо) сию се адад, дар соли 2014 бошад **сию ҳафт** ададро ташкил дод.

Шумораи омӯзишгоҳҳои миёнаи касбӣ дар соли 2008 (якҷоя бо филиалҳо) **панҷоҳу ду адад,** дар соли 2014 **панҷоҳу нуҳ адад**ро ташкил кард.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон **84 мактаб–интернат** фаъолият мекунад, ки дар он **8300 нафар фарзандони бесаробонмонда**, аз он ҷумла **2000 нафар духтарон**, тарбияву таълим мегиранд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварамон аз 28 мамлакати ҷаҳон қариб 3500 нафар донишҷӯёни хориҷӣ таҳсил мекунанд.

Солҳои 1997–2010 бо квотаи Президентӣ зиёда аз **даҳ ҳазор ҷавонон,** аз он ҷумла **7500 нафар духтарон**, аз ноҳияҳои дурдасти мамлакат, ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

## Дар бахши истиқлолияти энергетикӣ

Яке аз дастовардҳои замони истиқлолият– истиқлолияти энергетикии мамлакат баҳисоб меравад. Дар ин давра дар маҷмӯъ 241 неругоҳи барқии обии хурд сохта, ба истифода дода шуд. Неругоҳи барқии обии Сангтӯда-1 ба кор даромад. Алҳол сохтмони неругоҳи барқии обии Роғун идома дорад.

## Дар бахши сохтумони роҳҳо

Роҳҳо ба мисоли шоҳрагҳои хунгарди тан қитъаҳои сарзамини Тоҷикистонро ба ҳам мепайванданд.

Соли 2011 дар асоси се лоиҳаи нав сохтумони марҳалаи сеюми роҳи мошингарди Кӯлоб–Қалъаи Хумб, Шоғун–Зиғар ва таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе–Турсунзода ба маблағи умумии зиёда аз **4,5 миллиард сомонӣ** оғоз гардид ва охири соли 2015 ба истифода дода шуданд.

Сохтумони ду нақби нақлиётии Чормағзак ва Шаҳристон, бо дарозии умумии қариб даҳ километр, мавриди истифода қарор гирифт.

## Дар бахши фарҳанг ва санъат

Сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон барҳақ зикр менамояд:

**«Фарҳанг ва ҳунари воло дар ҳама давру замон ҳамчун василаи муҳимми муаррифии халқу кишвар ба ҷаҳониён шинохта шудааст».**

Дар замони Истиқлолият давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фарҳанги ҷаҳоншумули тоҷик саҳифаҳои нав боз гардид. Ҷашнвораҳое таҷлил карда шуданд, ки сатҳу арзиши ҷаҳонӣ касб карданд. Ҳазораи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ, 1100-солагии давлатдории Сомониён, 1150-солагии Абуабдулло Рӯдакӣ, 800-солагии Ҷалолуддини Балхӣ, Соли Эмоми Аъзам–2009, Ҳафтсадсолагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ аз ҷумлаи онҳост.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 404 адад рӯзномаву маҷалла ба табъ мерасад, ки аз он 250 ададаш хусусӣ мебошад. Соли 1991 ҳамагӣ 139 адад рӯзномаву маҷалла интишор меёфт, ки аз он чортояш хусусӣ буд. Ҳоло **44 шабакаи радиотелевизионӣ** фаъолият мекунад, ки аз ин миқдор 28 ададаш хусусӣ мебошад.

Дар замони истиқлолият 600 номгӯй асари адибони классикиву муосири тоҷик ба табъ расид.

Бо ташаббуси бевоситаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон нашри силсилаи осори **панҷоҳҷилда** бо унвони **«Ахтарони адаб»** идома дорад.

Дар солҳои истиқлолият аҳли фарҳангу ҳунари Тоҷикистони тозабунёд ба зиёда аз панҷоҳ кишвари ҷаҳон сафар карда, дар ҷашнвора, озмуну фестивалҳо санъати касбии халқи тоҷикро намоиш доданд.

Фақат дар соли 2010 онҳо ба бист мамлакати дунё сафар карданд.

## Дар бахши ҳувияти миллӣ

Яке аз дастовардҳои замони истиқлолият ин аст, ки дар ҳамаи шохаҳои давлатдорӣ заминаю асолати миллӣ, ки анъанаи чандинҳазорсола дорад, барқарор карда шуд: Маҷлиси Миллӣ, Донишгоҳи миллӣ, Консерваторияи миллӣ, Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Кумитаи олимпии миллӣ, ошхонаву тарабхонаҳои миллӣ. Дар ин номгӯй маъниву моҳияти сухан дар калимаи **миллӣ** ифода ёфтааст, ки он ба анъанаи халқи куҳанбунёди тоҷик марбут аст ва ба номи Тоҷикистони тозабунёд оҳанги тозаеро зам мекунад. Яке аз нишонаҳои ҳувияти миллӣ ана ҳамин аст.

Муҳимтар аз ҳама, дар замони **Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон** тафаккури шаҳрвандон хусусияти ягонаи миллӣ касб кард, ки рукнҳои таркибии он инҳоянд: ифтихор доштан аз ватани хеш, яъне сарзамини биҳиштосои Тоҷикистон ва онро муқаддас шуморидан; бо сарвари давлат, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамақида будан ва сиёсати ҲукуматиТоҷикистонро қадамбақадам тарафдорӣ намудан, арҷ гузоштан ба нишонаҳои давлатӣ, ифтихор доштан бо сарвати беназири адабӣ ва илмии тоҷикон, забони давлатии зебову шевои тоҷикӣ, парастидани заминаи миллии либос, ки ин ҳама ифодагари шеваи хештаншиносӣ башумор меравад.

## Дар бахши забони давлатӣ

**«Дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба омӯзиши забони давлатӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, дар**

**баробари ин, донистани ҳатмии ду забон, хусусан забони русӣ ва англисиро ҷорӣ намоем»-ҳидоят мекунад моро Пешвои миллат, сарвари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон.**

Ба муносибати қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муносибат ба забони модарӣ куллан тағйир ёфт. Президанти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минбарҳои баланди ҷаҳон бо забони ноби тоҷикӣ ҳарф мезанад ва бо ин восита таъсиру нуфузи онро миёни забонҳои машҳури олам густариш медиҳад.

Ҳоло дар саросари кишварамон, дар ҳамаи сатҳои идораи давлатӣ, ҳуҷҷатгузорӣ ва маҷлисоройӣ ба забони давлатӣ сурат мегирад.

Хазинаи тиллоии луғавии он, ки дар замони Иттифоқи Шӯравӣ хеле маҳдуд гардида буд, беш аз пеш мавриди истифода қарор мегирад. Муҳимтар аз ҳама, дар ин самт чандин луғатҳои тафсирии забони тоҷикӣ ба ҳуруфи имрӯза нашр гардиданд.

Шоирони мо аз фарорасии чунин имконият хушнуд гардида, дар ситоиши забони модарӣ шеърҳои нав иншо кардаанд.

## Дар бахши мақоми зан дар ҷомеа

Дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми зан дар ҷомеа зинабазина баландӣ ёфт. Интишори фармони Президенти мамлакат,

Пешвои миллат «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», Қарори Ҳукумати Тоҷикистон «Дар бораи ё стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011–2020», «Соли Оила» эълон гардидани соли 2015 гувоҳи онанд.

Ҳоло **25 дар сади** хизматчиёни давлатӣ ва ё **6 ҳазор** нафари ин тоифаро занон ташкил медиҳанд.

## Номаи раҳнамо

Мо маълумоти мухтасари таърихӣ оиди соҳаҳои гуногунро дар тӯли Бисту панҷ соли Истиқлолият давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои он овардем, ки ходимони фарҳанги шаҳру ноҳияҳо, маҳаллаву шаҳракҳои қаламрави Тоҷикистон ҳангоми таҷлили ҷашнвораи имсола аз ин маълумот истифода баранд, гӯяндаҳо дар ҷараёни сурат гирифтани ид, таҳиягарон ҳангоми ороиш аз нуктаҳои он лавҳаю шиорҳо муҳайё намоянд, бидуни ҷустуҷӯи адабиёти зарурӣ, аз рақамҳои овардаи мо мушкилоташон осон гардад.

## Тарзи ороиши базмгоҳи ҷашни Бисту панҷсолагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шаҳру ноҳияҳои мамлакат дар асоси нақшаи кумитаи тадорукот, аз оғози соли 2016, барои таҷлили

Бисту панҷсолагӣ омода мешаванд. Корхона, муассиса, шаҳраку маҳаллаҳо ҳам бояд нақшаи амалии фаъолиятро дар ин ҷода дошта бошанд.

Мувофиқи диди таҳиягар, рассоми ороишгар, кӯчаҳо, гулгаштҳо, хиёбонҳо идона ороиш дода мешавад. Барои гузаронидани ҷашнвора майдон, боғи фарҳанг, варзишгоҳ, наврӯзгоҳ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд. Дар ҷараёни тайёрӣ маҳалли гузаронидани ҷашнвора таъмир карда, тозаву ороста, даруну берунаш бояд рангубор карда шавад. Он бояд чунон намуде дошта бошад, ки ҳамчун ҷашнгоҳ ангуштнамо ба назар бирасад.

Роҳбарияти ҳокимияти маҳаллии шаҳру ноҳияҳо бояд рафти тармиму таъмир ва оростагиву зебоии онро ҷузъбаҷуз зери назорат қарор диҳанд ва расман бо якҷоягии кумитаи тадорукот, ки аз мутахассисони соҳа иборатанд, онро қабул намоянд.

Шиору овезаҳо, суханҳои ҳикматнок, ҳамели ресмонҳои барқӣ, байрақҳои хурду калони Ҷумҳурии Тоҷикистон, рамзҳои давлатӣ, аксҳои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, Қаҳрамонони Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони хизматнишондода, чеҳраҳои сиёсӣ, фарҳангии шаҳру ноҳия бояд кӯчаву хиёбон ва майдонҳоро зебу оро диҳанд.

## Намунаи шиорҳо ва овезаҳо

«Дар давоми Бисту панҷ соли истиқлолият, мо бо вуҷуди бисёр мушкилоту монеаҳо, таҳкурсии давлати соҳибистиқлоламонро гузоштем».

Эмомалӣ Раҳмон

«Ҷавонон бояд хуб дарк намоянд, ки тақдири ояндаи халқу давлат ба дӯши онҳо гузошта шудааст».

Эмомалӣ Раҳмон

«Фарҳанг чун падидаи бузург ва арзишманду муассири рӯзгори иҷтимоӣ дар таърих ва рушди маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон пайваста нақши назаррас мебозад».

Эмомалӣ Раҳмон

Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам,
Ба ҳарфи Ватан гӯш дорад дилам.

Ҳабиб Юсуфӣ

Ватан ҷони ман, ҳам ҷаҳони ман аст,
Ватан боғ ҳам бӯстони ман аст.

Ҳабиб Юсуфӣ

Ба роҳи Ватан ҷон фидо мекунем,
Ватан ҳар чӣ гӯяд, адо мекунем.

Ҳабиб Юсуфӣ

Кӯҳҳои Тоҷикистон, ҳар қадар боло равед,
Сарбаландем аз шумо, акнун на танҳо ҳамсарем.

Ҳабиб Юсуфӣ

Қалам ба даст бигирам, ки шеър бинвисам,
Забони ман зи ҳама бештар Ватан гӯяд.
Дар оғуши ту ҳазорон диёру шаҳр бувад,
Ба ҳар куҷот равам, дил диёри ман гӯяд.
Ҳабиб Юсуфӣ

Ман намедонам чӣ сон тасвир созам бо сухан,
Рангу бӯи беназири дилкашатро, эй Ватан!
Гар чаман гӯям, надорад қимататро сад чаман,
Ростӣ, гаштӣ биҳишти бемисоли марду зан.
Мирзо Турсунзода

Тоҷикистон, сарзамини мардумони
гармдил,
Мардумони сахтҷону мардумони
нармдил!
Ин куҳанмеҳан ҳанӯз аз рӯзгори
зардуҳишт,
Рӯшноӣ месуруду рӯшноӣ менавишт.
Камол Насрулло

Ин рисолат бо ту буду бо ту хоҳад монд
боз,
Нур бурдан, нур додан, эй ту халқи нурсоз!
Камол Насрулло

Бар замини Тоҷикистон нури Раҳмон мерасад,

**Дил ба армон, сар ба сомон, ҷон ба ҷонон мерасад.**

**Камол Насрулло**

## Сенарияи якум:

# ИН ВАТАН ЗИНДА ДАР ҶАҲОН МЕБОД

### Намунаи сенарияи ҷашни Бисту панҷсолагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо

Саҳар. Нуҳуми сентябри соли 2016. Кӯчаи марказии шаҳр (ноҳия), мувофиқи нақшаи коргардони базм ва ороишгар, идона зебу оро ёфтааст. Парчамҳои хурду калони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар пештоқи биноҳои маъмурӣ, истиқоматии кӯчаҳои марказӣ ва гулгашту хиёбонҳо парафшон. Ҳар ҷо–ҳар ҷо сурати фарзандони маъруфу номдори шаҳр (ноҳия) овезон.

## Пайки истиқлол

Се нафар аспсавор ва ё фойтунсаворе, аз кӯчаи маркази ноҳия (шаҳр) парчами Ҷумҳурии Тоҷикистонро баланд афрохта мегузарад. Аз дунболи онҳо, дар бордони мошини болокушода, карнайнавозон, сурнайнавозон, доирабадастон. Андар фосилаи кӯтоҳ садои баландгӯяк танин меандозад:

**- Ман ба хонадони ҳар кадоми шумо сулҳ меоварам!**

Пайки истиқлол кӯчаи марказии шаҳр (ноҳия)-ро паймуда, дар майдони асосии базмгоҳ, бо тартиби муқаррарнамудаи таҳиягар, ҷой мегирад. Навозандагон мунтазам менавозанд. Ин замон дастаҳои ҳунарии овозхонҳо, раққосон, масхарабзон, дорбозон, лӯхтакбозон, таронахонҳо ҷамъ меоянд.

Кӯча, майдон ва ё пайроҳаи асосӣ то остонаи базмгоҳ чунин ороиш ёфтааст: растаи қаннодон, иборат аз шириниҳои миллӣ. Растаи анвои нон, иборат аз намудҳои маъмулии нони шаҳр ва ё ноҳия. Растаи ҳунарҳои дастӣ: гулдӯзӣ, намунаи либоси миллии ҳамон маҳал ва асбоби рӯзгор. Хонаи арӯсу домод, ки бо расми ҳамон минтақа ороиш ёфтааст. Растаи меваҳои хушк ва ғалладона. Растаи меваи тар ва сабзавот. Растаи харбуза ва тарбузу каду. Растаи гулҳои маҳаллӣ, ки бештар маъмуланд. Хаймаҳо ва таоми миллӣ: оши палав, шӯрбо, каллапоча, кабоб. Растаи маърифат: китоб, рӯзнома ва маҷалла. Растаи суратгирон: намунаи суратҳои мавзеъҳои таърихӣ, манзара ва пешқадамони саноат ва хоҷагии қишлоқ. Растаи кандакорон ва косибон: дарвоза, тиреза, сандуқ, гаҳвора, катҳои кандакорӣ; асбоби

рӯзгор: табақ, кафлез, сабад, гулдон, қошуқ. Растаи ҳунарҳои рассомони ҷавони шаҳр (ноҳия).

## Базм дар остона

Кулли ҳунармандон ба навохтан он чунон оғоз мекунанд, ки аз ҳангомаю замзама замину замон мечархаду меларзаду мерақсад.

Дастаҳои ҳунарии шаҳр (ноҳия) дар ҳавои мусиқии касбӣ хондани ин сурудро оғоз мекунанд:

**Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!**
**Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!**

Мардуми дар базми остона ҷамъомада байти нақароти сурудро он чуноне такрор мекунанд, ки дар фазо мавҷи азиме танин меандозад, муҳити базмгоҳро эҳсоси шодмонӣ лабрез мегардонад.

Базм дар остона тахминан сӣ дақиқа давом меёбад.

## Дарвозаи мунаққаш

Дарвозаи аслӣ ва ё рамзӣ. Дар миёнаҷойи қисми болодарӣ акси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон (интихоби коргардон вобаста ба муҳити воқеӣ).

Дар ду гӯшаи табақаи боло парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон насб карда шудааст. Дар болодарӣ дар коло ва ё лавҳи сабз навиштаҷоти зерин:

***«Дар бисёр баҳсу мунозираҳое, ки миёни сарварони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба миён меояд, ман барои дастгирӣ фақат як касро меҷӯям, Эмомалӣ Раҳмонро, зеро ӯ ҳақгӯ, ҳақпараст ва якрӯй аст».***

***Александр Лукашенко***

Дар миёнаҷойи дарвоза, андаруни доира бо хати борики андуда ададӣ **25**, дар поёнаш ин навиштаҷот: **Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак бошад!**

Дар ду тарафи дарвоза, андар девори аслӣ ва ё сунъӣ, ин ду шиор бо хати хоно бояд навишта шавад:

***«Бисту панҷсолагии Истиқлолияти давлатӣ дастоварди муқаддастарин ва бузургтарини таърихи навини халқи Тоҷикистон мебошад».***

***Эмомалӣ Раҳмон***

***«Бисту панҷ соли Истиқлолияти давлатӣ, марҳалаи аз нигоҳи таърих хеле кӯтоҳ, вале пур аз ҳаводису рӯйдодҳои муҳимму тақдирсози халқи мо мебошад».***

***Эмомалӣ Раҳмон***

## Ороиши базмгоҳ

Майдони калонтарини ноҳия (шаҳр). Дар самти чапи даромадгоҳ роҳбарони ҳокимияти маҳаллӣ ва меҳмонон, дар харакҳои давродавр сокинон. Дар самти рӯбарӯи даромадгоҳ силсилапарчамҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рамзҳои давлатӣ, сурати Қаҳрамонони Тоҷикистон. Давродаври майдон шиору овезаҳо.

## Намунаи матни шиорҳо:

**Ҳар ки дорад ғурури тоҷикӣ,**
**Чеҳрааш пур зи нури тоҷикӣ.**
**Ато Мирхоҷаи Нерӯ**

**Бузургонро бузургон зинда медоранд,**
**Бузургонро бузургони дигар зинда медоранд.**
**Лоиқ**

**Аз хуни Сиёвушем, ҳамхуни Сиёвушем,**
**Аз ҷомасафедонем, ҳар ҷома намепӯшем.**
**Бозор Собир**

**Исмоили Сомонӣ девори Бухоро буд,**
**Мо ҳамватани ӯем, ӯ ҳамватани мо буд.**

**Бозор Собир**

**Зинда бодо ҳамзабонон зинда бод,**
**Зинда бодо ҳамтаборон зинда бод!**
**Бозор Собир**

**Ҷомаи сулҳ ба тан омадаӣ,**
**Ба даҳан қанди сухан омадаӣ.**
**Ба замин не, ба ҳаво не, ба куҷо?**
**Сар-сари дидаи ман омадаӣ!**
**Ашӯр Сафар**

## Ҷашн оғоз меёбад, суруди миллӣ садо медиҳад.

Дастаи карнайнавозон, сурнайнавозон, найнавозон, дуторнавозон бо шиддати тамом ҳунарнамоӣ мекунанд. Дар ҳавои он дастаи панҷоҳнафараи аспсаворон ва ё дучархаронон парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст аз дарвозаи асосӣ ворид шуда, гирдогирди майдонро чарх зада, берун мераванд.

Дастаи **дусаду панҷоҳнафараи** кӯдакону наврасон дар даст шохаи гул, парчамҳои андозаашон хурд, пуфакҳои ранга шитобон вориди майдон мешаванд, мувофиқи нақшаи коргардон ҷой мегиранд. Аз паси онҳо дастаи сесаду панҷоҳнафараи варзишгарон бо либоси рангоранг дар маркази майдон саф кашида, сипас таҳти садои ғулғулаафкан, тарҳи рақами **25**-ро мекашанд. Ҳиссаи дигар, аз ҳисоби кормандони маориф

ва фарҳанг, дар сурати ҳарфҳо сухани **Истиқлолиятро** рўйи саҳна меоваранд.

Наврасон даст афшондаву по кўфта, ба Қаҳрамонони Тоҷикистон рў оварда, шеър мехонанд.

**Дар васфи устод Айнӣ:**

Зи лавҳи гўрҳо, аз мармари сарди мазористон,
Зи хоки мурдагони зиндатар аз зиндадаргўрон,
Зи нақши ҳар катиба, нақши нохун дар тани зиндон,
Зи соҳилҳои бедарё, зи дарёҳои беҷараён
Ту моро кофтӣ, устод,
Ту моро ёфтӣ, устод!

***Лоиқ***

**Дар васфи аллома Бобоҷон Ғафуров:**

Алҳақ, ҳама медонанд таърих гувоҳ аст
Тоҷик ҳама умр
Дар Мағрибу Машриқ
Кардаст мусаххар чи бас иқлиму мамолик,
Аммо на ба шамшеру камону сафи лашкар!
Бо санъату бо фитрату бо ақли мунаввар,
Бо руҳи ҷавононаю пирўзгарона.

***Лоиқ***

**Дар васфи устод Мирзо Турсунзода:**

Диле дорӣ, ки дар он Осиё ғунҷад,
Дар ӯ шӯру қиёми осиён ғунҷад,
Дар ӯ занҷирҳо бигсаста аз дасти ғуломон,
Дар ӯ ишкелҳо бишкаста дар пои асирон,
Дар ӯ яксон шуда зиндону маҳбасҳо,
Дар ӯ ҷо нест бар малъуну нокасҳо.

***Лоиқ***

**Дар васфи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон:**

Зиндагиро пурнаво кардӣ, ташаккур,
Синаҳоро пурсафо кардӣ, ташаккур.
Аз дигар моро ту мо кардӣ, ташаккур,
Дар роҳи меҳру вафо кардӣ, ташаккур.
Зинда бошу зиндагӣ омӯз моро,
Ҳамчу хуршеди саҳар афрӯз моро.

**Гулназар**

**Дар васфи Ширишоҳ Шоҳтемур:**

Манам тоҷик, ғурурам тоҷикона,
Зи Сосону Сомонам нишона.
Накард аҷдоди ман сар хам ба душман,
Ситези ман аз ин буд бо замона.

**Ато Мирхоҷаи Нерӯ**

**Дар ситоиши Нусратулло Махсум:**

Миллатам, посдори имон бош!
Мазҳари чашмаи хурӯшон бош!
Лаъл дар синаи кӯҳистон бош!
Ҷони сад чун мане фидои Ватан!

**Ато Мирхоҷаи Нерӯ**

Ин ҳангом дар иҷрои дастаҳои ҳунарии шаҳр (ноҳия) суруди мутантан «Тоҷикистон, кишвари ман» садо медиҳад (шеъри Лоиқ, оҳанги Ҷӯрабек Муродов).

Барномаи консертӣ, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи коргардон сурат мегирад, ки иборат аз се унсури асосист: тарона, рақс, оҳангҳои халқӣ, Шашмақом ва эстрадӣ.

Дар ҷараёни базм дар саҳнаҳои умумӣ антуражи аз сад то сесаду панҷоҳнафара, вобаста ба суруду оҳангу рақс, манзараи умумии идонаро зебу оро мебахшад.

Ба коргардони базм суруду оҳангҳои зеринро тавсия менамоем ва ӯ мувофиқи имконияту зарурати муҳити воқеӣ онҳоро тағйир дода метавонад:

«Чӣ биҳишт аст ин ҷо» (шеъри Камоли Хуҷандӣ, оҳанги Саидқул Билолов).

«Шукӯҳи Тоҷикистон» (шеъри Камол Насрулло, оҳанги Саидқул Билолов).

«Зинда бодо Тоҷикистон зинда бод!» (шеъри Бозор Собир, оҳанги Саидқул Билолов).

«Таронаи ваҳдат» (шеъри Низом Қосим, оҳанги Саидқул Билолов).

«Дӯсти ҷонӣ» (шеър ва оҳанги Тоҷиддини Муҳиддин).

«Наврӯзи Ватан» (шеър ва оҳанги халқ).

«Ёр ба рақс омадааст» (шеър ва оҳанги халқ).

«Кӯдакони хушбахт» (сютаи рақсии овозӣ).

«Файзи ваҳдат», «Ватан боғи ҷон» (оҳанги А. Мӯсоев, шеърҳои Сафар Аюбзодаи Маҳзун, А. Шарифӣ, С. Хатлонӣ ва Низом Қосим. Ансабл ва хори бачагонаи шаҳр (ноҳия) иҷро мекунад.

«Сулҳи мо», «Парчам», «Ливои Ватан» (шеърҳои С. Аюбӣ, М. Ғоиб ва И. Хатлонӣ, оҳангҳо аз А. Мӯсоев, М. Достиев ва Ҷ. Ҷамол).

Суруди хотимавии барнома бо шеъри Бозор Собир «Аҷам ҷамъ аст» (оҳанги Саидқул Билолов) бо иштироки кулли овозхонон сурат мегирад.

## Аҷам ҷамъ аст

Аҷам ҷамъ аст бо хуни Сиёвуш,
Ба хуни ориёнии Сиёвуш.
Ки аз хоки Аҷам як лола рӯяд,
Сиёвушаш намегардад фаромӯш.

Аҷам ҷамъ аст бо рӯи биҳиштӣ,
Чу рӯи лолаҳои зардуҳуштӣ.
Ки дар дил зардуҳуштиро
накуштӣ,
Ки аз дил зардуҳуштиро наҳиштӣ.

Аҷам ҷамъ аст бо Наврӯзи
Ҷамшед,
Ба Наврӯзи ҷаҳонафрӯзи Ҷамшед.

Ки мардум хонаи дил метаконад,
Ба Наврӯзи бузург аз рӯзи
Ҷамшед.

Аҷам ҷамъ аст бо мусиқию шеър,
Ҷигарпайванд бо ин ҳар ду
кафшер.
Ба шеъри Рӯдакӣ ҳуши Аҷам
банд,
Ба лаҳни Борбад гӯши Аҷам банд.

Аҷам ҷамъ аст чун насли Фаридун,
Ба зери як дирафши ориёнӣ,
Ба рағми аҳриманҳои ҷаҳонҷӯ,
Алайҳи мордӯшони ҷаҳонӣ.

**Бозор Собир**

## Намунаи пораҳои манзум барои ровиёни базм

Раҳми парвардигори мо
омад,
Нури ҳақ бар диёри мо омад.
Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,
Сулҳи бунёдкори мо омад.

***Лоиқ***

Миллати моро сари боло сазовор,
Ақли равшан, дидаи бино сазовор.
Эътибору иззати дунё сазовор,

Ифтихору шӯҳрати фардо сазовор.

**Гулназар**

Тоҷикистон, эй замири мардуми рӯшанзамир!
Тоҷикистон, эй мунири чеҳраи марди мунир!
Тоҷикистон, эй умеди мардумони пурумед,
Сарзамини мардумони рӯсафеду дилсафед!

**Камол Насрулло**

Бо номи баоламовараш хӯрд қасам,
Бо шири сафеди модараш хӯрд қасам.
Бо ҳар сари ҷони кишвараш хӯрд қасам,
Бо ҳастии нангпарвараш хӯрд қасам.
Бедор шудем,
Бедор шудем.

Бедор шудему дар хаёл афтодем,
Дар фикри ҷавоби сад савол афтодем.
Дар ҷустани луқмаи ҳалол афтодем,
Дар мулки хаёли безавол афтодем.
Осуда шудем,
Осуда шудем.

Ин аст мароми қасами сарвари мо,
Сахт аст сиёсати ватанпарвари мо.
Бояд ҳама ҷо баланд бошад сари мо,
Як давлати машҳур шавад кишвари мо.

Панд ин қасам аст,
Панд ин қасам аст.

**Муҳаммад Ғоиб**

Аз миён бархост ногаҳ тоҷбарсар тоҷике,
Мулкро кард аз хатар огоҳ бофар тоҷике,
Тоҷиконро ҷамъ овард аз ҳама дар тоҷике,
Зарра–зарра, ҳамчу аз реги равон зар, тоҷике.

**Низом Қосим**

Эй Ватан, ҳар лаҳзаи бахти ту сад соли дил аст,
Рӯзи Истиқлоли ту Наврӯзи иқболи дил аст.
Ҳар даму ҳар рӯзи Истиқлол хуш фоли дил аст,
Ҳар даму ҳар рӯзи Истиқлол як боли дил аст!

**Низом Қосим**

Эй қавми худодода, кунун шод бизӣ,
Фархундаву озодаву озод бизӣ.
Як сарвари бохирад Худо дод ба ту,
Дар давлати ин марди худодод бизӣ.
Дил шод бикун,
Эҷод бикун,
Бунёд бикун,
Шукронаи ин давлати озод бикун!

**Сафар Аюбзодаи Маҳзун**

Тоҷикистон тӯй дорад, меҳмононаш бубин,

Аз Яман, аз Чину Афғон, Ҳинду Эронаш бубин.
Мерасад ҳар ҷо ба гӯш овои чангу тору най,
Ҳамнавоийи варо бо андалебонаш бубин.
Навбаҳорон рафта, кайҳо фасли поиз омада,
Чун баҳорон боғу бӯстону гулистонаш бубин.
Пойтахти тоҷикон саршор аз ҳусну зиёст,
Дар қудуми меҳмонон нурафшонаш бубин.
Тоҷикони ҷумла олам ҷамъ дар як маҳфиланд,
Юсуфи гумгаштаро аз нав ба Канъонаш бубин.
Тоҷиконро Ибни Аҳмад гар ба ҳам оварда буд,
Иттиҳоди ӯ кунун аз сӯйи Раҳмонаш бубин.
Рӯ ба асли хеш овардаст, тоҷик ин замон,
Ворисі шаъну шукӯҳи Оли Сомонаш бубин.

**Сироҷиддин Икромӣ**

## Сенарияи дуюм:

## ВАТАН, БО РОҲИ ТУ ЗАМОН МЕРАВАД

***Намунаи сенарияи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатииҶумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳо***

### Ҳусни оғоз

Нуҳуми сентябри соли 2016. Ҳангоми субҳ. Сари қуллаҳои баланд хира-хира метобанд. Равшанӣ лаҳза-

лаҳза баландиҳоро андуда, ба домани кӯҳ мерасад, талу теппаҳо ҳам ба чашм менамоянд.

Дар осмони софу нилгун ҷо-ҷо ситораҳо чашмак мезананд, он чуноне ки гӯё ба одамизод рӯзи сафеду навро муборак мегуфта бошанд.

Садои хурӯсон берабт аз чаҳор сӯй ба гӯш мерасад.

Мурғакони шохсор оҳиста-оҳиста бол афшонда, аз шохе ба шохе парвоз карда, санову суруд мехонанд, ҳар кадоме, ба мисоли ошиқи зоре, ҷуфти худро меҷӯяд.

Мӯйсафеди ба тахмин шаст-шасту сесола аз айвони хонаи болои тал ба маркази шаҳр (ноҳия) менигарад. Зери лаб, оҳиста, худбахуд, то касе хабар наёбад, пичиррос мезанад:

– Имшаб нахуфтам, хонаи чашмам гарм нашуд, садои нақлиёту гаштугузори одамон ҳам қатъ нагардид.

Вай хамёза мекашад, бо кафи дасти чапаш даҳонашро пӯшонида, чашмонашро калонтар кушода, ба дарахтони боғ назар андохта, гӯё ки гумкардаи ҳазорсолаашро ёфта бошад, бо табассум мегӯяд:

– Охир, имрӯз ид аст, иди муборaку муқаддаси Бисту панҷсолагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ғояти шодмонӣ нахуфтам…

Эҳсоси гарм дар саропояш намеғунҷад, онро аз маҳбаси сина берун овардан, бо сухани нафисе ифода кардан мехоҳад.

**Ин сатрҳоро, ба таври худ оҳанг баста, мехонад:**

*Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!*

*Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!*

*Ғунчаҳои пахта механдад зи хандохандашон,*
*Хандаҳои духтарон дар пахтазорон зинда бод!*

*Модарон то ҳол мепоянд роҳи аскарон,*
*Охирин уммеди ин уммедворон зинда бод!*

*Ташнагӣ хуб аст, водорад, ки ҷӯӣ чашмае,*
*Ташнагиҳои дил аз дидори ёрон зинда бод!*

*Гармтар аз оташу равшантар аз хуршеди шарқ,*
*Бӯсаҳои аввалини дӯстдорон зинда бод!*

*То сухан парвоз омӯзад зи мурғони ҳаво,*
*Лонаҳои мурғакон дар шохсорон зинда бод!*

***Лоиқ***

Мӯйсафед, аз тарси он ки хомӯшии нишотафзои субҳ вайрон нашавад, ба сукуту виқори қуллаҳои дур амиқтар назар меандозад. Акси садояш ногаҳон, гӯё, ки дар ҳавои суруди идона, ҳазорбора афзуда, бо мусиқии мутантан омехта, фазои шаҳр (ноҳия)-ро лабрези сурур мегардонад. Аз ғулғулаю замзамаи он замону замин ва одамон аз хоб бедору ҳушёр мешаванд:

*Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!*
*Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!*

## Истиқболи пайки истиқлол

Соати панҷи саҳар.

Садои суми асп чун мусиқии ботантана дар муҳит паҳн мешавад: тақ-тақ, тақатақ, тақатақ, тақ-тақ…

Се савора. Савораи якум бар аспи сафед, дар тан сарулибоси идона дорад: саллаи зебобастаи сабз, ҷелаки зарҳалӣ, мӯзаи пошнабаланд. Афзори аспаш ороставу пероста, парчами Ҷумҳурии Тоҷикистонро баланд бардошта пешопеш асп медавонад.

Аз паси вай ду савораи дигар. Яке бар аспи сиёҳмушкин, дигаре бар аспи ҷигарранги хушсурат нишаста, он чуноне роҳравон, ки гӯё ҳамдигарро пешандоз мекарда бошад, дар муҳити саҳар ҳангома ороста, аз хиёбони асосии шаҳр (кӯчаи асосии ноҳия) монанди бод мегузаранд.

Аз паси саворагон сабукрави болокушода, аз ду канори бордонаш сетоӣ карнайнавозон, дар пешгоҳ акси калон (2х3 м) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон, гирдогирдаш бо шерозаи садбарги сурху сафед ороиш ёфта.

Садои карнай торафт баланду ғулғулаафкан мешавад, андар фосилаҳои кӯтоҳ садои баландгӯяк танин меандозад ва овози ровӣ бар ҳаво мепечад:

**«Ман ба хонадони ҳар кадоми шумо сулҳ меоварам!»**

Ин суханро кӯҳҳои атроф акс намуда, як бар ҳазор афзуда, бар муҳити идона бозмегардонанд. (Овози

ровӣ баробари ҳаракати машина, баландтар мешавад): **«Ман ба хонадони ҳар кадоми шумо сулҳ меовар…а…а…м…м!»**

**Машинаи дуюм.** Нуҳ доирабадаст, андар фосилаи мӯътадили карнайнавозон (ба тахмин панҷоҳ қадам), ҳангомаҷӯёна, он чуноне каф мезанад, ки ғулғулааш гӯши фалакро кар мекунад.

**Машинаи сеюм.** Нуҳ нафар сурнайнавоз худро ба девораи машин такя дода, ғулғула барпо мекунанд ва садои он дар нисбати карнай ва доира, ба муҳити атроф танини нав меандозад.

**Машинаи чорум.** Се найнавоз, шаш дуторнавоз бо силсиланавозиш садои диловез дармедиҳанд андар муҳит.

Пайки истиқлол саросари кӯчаи марказиро се маротиба тай карда, дар майдончаи дарвозаи асосии боғ (хиёбон, гулгашт ва ё наврӯзгоҳ), бо тартиби муқарраркардаи таҳиягар, ҷой мегиранд.

Ҳамаи навозандагон дар ҳолати омодабош. Ин замон дастаи овозхонҳо, раққосон, масхарабозон, дорбозон, хонандагони Гурӯғлӣ ва дигар ҳунармандон ҷамъ меоянд.

## Базм дар остона

Соати ҳафти пагоҳӣ. Кулли ҳунармандон ба навохтан он чуноне оғоз мекунанд, ки аз ҳангомаю дамдама замину замон мечархаду меларзаду мерақсад.

Мардуми шаҳр(ноҳия), ки аз базми ҳунарии истиқлолият пешакӣ огоҳӣ доштанд, даста-даста зану мард, кӯдакон, меҳмонон аз маҳалла ба роҳи калон, аз он ҷо ба базмгоҳ роҳ мегиранд. Андар миёни онҳо дастаи духтарон ва заноне, ки дар бар пероҳану поҷомаи атласи лоҷвард, сабз ва фирӯза доранд, бар сар тоқиҳои зарҳалӣ, нигоҳи бинандаро мебарад.

Садои мусиқӣ оҳиста-оҳиста паст мешавад. Ин ҳангом аз карнаи радиои базмгоҳ овози Ҳунарпешаи мардумии СССР Ҷӯрабек Муродов баланд мешавад:

***Чашмаҳоят – чашмаи шеъру суруд,***
***Қуллаҳоят – садри пайғому дуруд.***
***Хоки покат – соҳати буду набуд –***
***Тоҷикистон, кишвари ман,***
***Модари ман, модари ҷонпарвари ман…***

***Ояд аз ҳар санг гулбонги рубоб,***
***Дар сари ҳар кӯҳ хандад Офтоб,***
***Бишнавам аз ҳар гулат бӯи шабоб,***
***Тоҷикистон, кишвари ман,***
***Модари ман, модари ҷонпарвари ман.***

***Бишнавам аз ҳар даре шеъри дарӣ,***
***Аз ҷаҳонороиву одамгарӣ,***
***Аз тамоми қуллаҳо болотарӣ,***
***Тоҷикистон, кишвари ман,***
***Модари ман, модари ҷонпарвари ман.***

*Ҷони ман қурбони ғамҳои ту бод!*
*Шеъри ман ҳамдасту ҳампои ту бод!*
*Руҳи ман ҳамроҳи фардои ту бод!*
*Тоҷикистон, кишвари ман,*
*Модари ман, модари ҷонпарвари ман*[1].
*Лоиқ*

Пас аз ҳар банди шеър, иштирокчиёни базм байти нақаротро ҳамовозӣ мекунанд. Садои ҳазорон монанди фаввораи азиме нидои хушнудиро бар ҳаво мефиристад ва гӯё ки қатраҳои булӯринро дубор бар сари мардум мерезад. Аз ин эҳсоси ватандорӣ ва худшиносӣ ба рухсораҳо сурхӣ медамад, нигоҳҳои гарм ба ҳам бармехӯранд, чашмони ошиқона роҳи ҳамдилӣ меҷӯянд.

Базм дар остона тахминан бист-бисту панҷ дақиқа идома меёбад, ин замон мардуми шаҳр (ноҳия) монанди мавҷи дарёи азиме ба базмгоҳ наздик ва омодаи даромадан мешаванд.

---

***1. Тавзеҳ: кормандони базм мувофиқи завқи аҳолии шаҳру ноҳия метавонанд суруди дигареро дар васфи Тоҷикистон интихоб намоянд.***

## Дарвозаи мунаққаш

Дарвозаи аслӣ ва ё рамзӣ, баландиаш даҳ, бараш ҳафт метр, вобаста ба ҷашнгоҳ ва муҳити воқеӣ, ин

андоза тағйир ёфтанаш имкон дорад. Дар миёнаҷойи қисми болодарӣ сурати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон (интихоби коргардон вобаста ба муҳити воқеӣ).

Ҳиссаи поёни болодарӣ пайванди портрет шерозаи зарҳалии ба Офтоби зард монанд, ду канораи дарвоза, аз боло ба поён, шерозаи ҳаворанги парпарадор дорад, ранги ду табақаи дарвоза ҷигарӣ.

Дар ду гӯшаи табақаи боло парчами Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли аслиаш, он чуноне насб карда шуда, ки дар нисбати сурати роҳбари давлат таносуби амиқ дошта бошад, дар ҳаҷм, рангубор ва тарзи ороиш. Дар болодарӣ дар коло ва ё лавҳи сабз, дар фосилаи муайяне, ки таносубаш ба сурату дарвоза вайрон намешавад, навиштаҷоти зерин бо хати тиллоранги зебои дастӣ:

***«Дар бисёр баҳсу мунозираҳое, ки миёни сарварони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба миён меоянд, ман барои дастгирӣ фақат як касро меҷӯям, Эмомалӣ Раҳмонро, зеро ӯ ҳақгӯ, ҳақпараст ва якрӯст».***

***Александр Лукашенко***

Дар миёнаҷойи дарвоза, андаруни доираи андозааш дар нисбати қаду бари дарвоза муносиб ва гирдогирдаш бо хати борики сафед андуда адади 25, рангаш ба нишонаҳои дигари дарвоза мутаносиб, зебо ҳаккокӣ шуда, дар поёнаш ин навиштаҷот дар чанд сатр

сабт ёфта: **Бисту панҷсолагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак бошад!**

Дар ду тарафи дарвоза, андар девори аслӣ ва ё сунъӣ ин ду шиор бо хати хоно бояд навишта шавад, дар колое ки нисбати рангубор ва баландии девору дарвоза таносуб дорад (ин ҳама амалҳоро рассоми ороишгар бо таҳиягари ҷашнвора ба сомон мерасонад):

**Аз тарафи чап:***«Бисту панҷумин солгарди Истиқлолияти давлатӣ дастоварди муқаддастарин ва бузургтарини таърихи навини халқи Тоҷикистон мебошад».*

**Аз тарафи рост:***«Бисту панҷсоли Истиқлолияти давлатӣ марҳалаи аз нигоҳи таърих хеле кӯтоҳ, вале пур аз ҳаводису рӯйдодҳои муҳимму тақдирсози халқи мо мебошад».*

*Эмомалӣ Раҳмон*

## Майдончаи қаҳрамонон

Дарёи одамон бо фараҳу шодӣ аз дарвоза ба базмгоҳ ворид мешаванд, дар ҳавои мусиқии ботантана.

Майдончаи аввалини боғ **Майдончаи қаҳрамонон** ном дорад. Аз тарафи рост сурати Қаҳрамонони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ, Аллома Бобоҷон Ғафуров, Президенти Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон (андозаи суратҳо вобаста ба паҳнои майдон, масоҳати боғ ва пайраҳаи рафтуомад).

Аз тарафи чап сурати қаҳрамонони Тоҷикистон устод Мирзо Турсунзода, Шириншоҳ Шоҳтемур ва Нусратулло Махсум (интихоб ва андозаи суратҳо вобаста ба диди таҳиягар).

Ҳар нафаре ки вориди базмгоҳ мешавад, беихтиёр пешорӯйи ҳар яке аз ин Қаҳрамони Тоҷикистон ист мекунад. Дар чунин ҳангом се ровӣ, ки дар минбари алоҳидаи муҷаҳҳаз бо баландгӯяк қарор доранд, яке духтар, дуи дигар писар, бонавбат сухангӯйӣ мекунанд.

**Ровии якум:** - Ҳамватанони азиз, шуморо ба базмгоҳи шаҳрамон (ноҳияамон), ки ба муносибати Бисту панҷумин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳу-рииТоҷикистон ороста шудааст, хайра мақдам мегӯем!

Дуруд ба Пешвои миллати тоҷик, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон!

Баробари ин нидо садои фавҷи ҳамагон бар ҳаво боло мехезад: - Дуруд, дуруд, дуруд! (се маротиба).

**Ровии дуюм:** - Яке аз дастовардҳои Истиқлолияти миллии халқи тоҷик ин аст, ки ба фарзандони фарзонааш арҷ мегузорад. Аз ин ҷост, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 8-уми сентябри соли 1997 ба асосгузори адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

**Ровии сеюм:** - Устод Садриддин Айнӣ, ҳаққо ки падари маънавии миллати мост.

Бо силсилаи асарҳояш «Одина», «Ҷаллодони Бухоро», «Марги судхӯр», «Ғуломон», «Ёддоштҳо»,

«Намунаи адабиёти тоҷик» адабиёти куҳанбунёди мо, забони ноби тоҷикиро дар марҳалаи нави таърих оҳанги тоза бахшид, аз душманони миллат ҳимоят намуд. Ҳазорон сипос ба устод Садриддин Айнӣ! (Нидои ҳамовозии мардум бар ҳаво мехезад: - Сипос, сипос, сипос! (се маротиба)

Шеъри устод Лоиқ «Айнӣ» дар қироати ровиён:

**Ровии якум:**

*Зи лавҳи гӯрҳо, аз мармари сарди мазористон,*
*Зи хоки мурдагони зиндатар аз зиндадаргӯрон,*
*Зи нақши ҳар катиба, нақши нохун дар тани зиндон,*
*Зи соҳилҳои бедарё, зи дарёҳои беҷараён*
*Ту моро кофтӣ, устод,*
*Ту моро ёфтӣ, устод!*

**Ровии дуюм:**

*Чу айвони валангоре, ки на бому на девораш,*
*Чу девори ҳисоре, ки на синҷеву на болораш,*
*Ту таърихи хароби халқро тармимҳо кардӣ,*
*Шиносондӣ ба бунёдаш, ба фарҳангаш, ба осораш,*
*Ки мо ҳам одамем охир,*
*Ва аз ин оламем охир!*

**Ровии сеюм:**

*Ту худ як инқилобе дар шуури мардумон будӣ,*

*Ту худ як изтиробе дар ниҳоди ину он будӣ,*
*Ба рағми он ҳама кӯрони таърихи наҷиби мо,*
*Ту худ мушти гиреҳбаста, чун тири дар камон будӣ.*
*Ту аз мо сохтӣ моро,*
*Зи мо бишнохти моро.*

**Ҳар се ровӣ дар ҳамовозӣ:**

*Чунин андар ҷаҳони гирдгардон,*
*Чунин андар ҷаҳони рӯҳи озодон.*
*Бузургонро бузургон зинда медоранд,*
*Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд.*

Тӯдаи базмороён дар пешорӯи сурати Бобоҷон Ғафуров қарор мегиранд. Овози сухангӯи радиои базмгоҳ баланд мешавад.

**Ровии якум:** - Яке аз чеҳраҳои шинохтаи тоҷикон дар асри XX Бобоҷон Ғафуров мебошад. Вай дар тӯли фаъолияташ аз ҳама бештару беҳтар ба навиштани таърихи халқу ватанаш машғул гардид. Шоҳасари таърихии ӯ «Тоҷикон» натиҷаи заҳмати бисёрсолаи ӯст. Аз ҳамин ҷост, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, аз таърихи 8-уми сентябри соли 1997, ба таърихшинос ва шарқшиноси шинохтаи тоҷик, академик, муаллифи китоби «**Тоҷикон**» Бобоҷон Ғафуров унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

Зинда бод, қаҳрамони зиндаёд Бобоҷон Ғафуров!

Нидои ҳамагонаи «**Зиндаёд, зиндаёд, зиндаёд!**» (се маротиба) бар ҳаво мехезад.

**Ровии якум:**

*Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳеҷ замоне*
*Тоҷик ба хоки дигаре аз сари кина*
*Бо ҳамҳамаю дамдама лашкар накашидаст.*
*Таърих гувоҳ аст, ки дар арсаи таърих*
*Тоҷик зи роҳи ҳасаду ҷаҳлу таассуб*
*Бар фарқи саре найзаю ханҷар накашидаст.*

**Ровии дуюм:**

*Таърих басо дида, ки андар раҳи паймон*
*Тоҷик даме пеши адӯ сар нафикандаст.*
*Ҷон канда басо, лек*
*З-ояндаи пирӯзи худ уммед накандаст.*

**Ровии сеюм:**

*Алҳақ, ҳама медонанду таърих гувоҳ аст*
*Тоҷик ҳама умр*
*Дар Мағрибу Машриқ*
*Кардаст мусаххар чи бас иқлиму мамолик,*
*Аммо на ба шамшеру камону сафи лашкар!*
*Бо санъату бо фитрату бо ақли мунаввар,*

*Бо ҳиммату бо ҳикмату бо шеъру тарона,*
*Бо рӯҳи ҷавононаю пирӯзгарона.*

**Лоиқ**

Акси садои кӯҳҳои баланд, аз дурии дуриҳо тавассути карнаи радиои базмгоҳ, ба домани боғу майдон монанди шохборон мерезад:

***Бо санъату бо фитрату бо ақли мунаввар,***
***Бо ҳиммату бо ҳикмату бо шеъру тарона,***
***Бо руҳи ҷавононаю пирӯзгарона.***

Гурӯҳе аз мардум рӯбарӯйи сурати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қарор мегиранд. Ин ҳангом аз карнайи радиои базмгоҳ садои Пешвои миллат танинандоз мешавад:

**«Дар чунин шароити ҳассос ва зудтағйирёбандаи сайёра вазифаи имониву инсонии ҳар як шахси огоҳу бедордил ва ҳар як фарди бонангу номуси миллати сарбаланди тоҷик бояд аз таблиғи бедории миллӣ, зиракиву ҳушёрии сиёсӣ, ҳисси баланди ватандориву ватандӯстӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ иборат бошад».**

**Ровии сеюм:** - Дар оғози истиқлолият хоинони миллати мо сарзамини Тоҷикистонро ба майдони ҷанги шаҳрвандӣ табдил доданд. Халқи тоҷикро хатари сарнагунӣ таҳдид мекард. Шукри ҳазорбора Худои меҳрубонро, ки абармарди истодагареро дар набарди зиндагӣ фиристод, Эмомалӣ Раҳмонро. Вай ҷон ба гаравгон гузошта, барои фурӯнишондани оташи ҷанг, ба соҳили мурод расонидани киштии умед камари ҳиммат бибаст. Ба **сарзамини домани офтоб** сулҳу сафо овард.

**Ровии якум:** - Бо назардошти хизматҳои шоиста ва ҷонфишониҳои ин абармарди майдони сиёсат, бо Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз таърихи 11-уми декабри соли 1999 ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

Дуруд ва шодбошӣ ба Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон!

Мавҷи нидои мардум «**Дуруд ба Эмомалӣ Раҳмон! Шод бошу дер зӣ!**» (се маротиба) бар ҳаво мехезад.

Ин ҳангом суруди дилнишине дар васфи Тоҷикистон (бо салоҳдиди таҳиягар интихобан) пахш карда мешавад.

Мардуми базморо ба самти чапи майдони қаҳрамонон мегузаранд. Ин замон садои марғуладори Ҳунарманди мардумии СССР Ҷӯрабек Муродов аз карнаи радиои базмгоҳ танинандоз мегардад:

***Ватан, дар ҳар куҷо омад ба сар форам ҳавои ту,***

*Ман аз он сӯи уқёнус бишнидам садои ту.*
*Агар чи дар миён тӯфону мавҷи баҳрҳо буданд,*
*Вале омад ба гӯши ман садои рӯдҳои ту…*

**Ровии дуюм:** - Иштирокчиёни базми Бисту панҷумин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон! Шумо аллакай муаллифи ин шеъри машҳури ватанхоҳиро шинохтед, устоди равшанзамир Мирзо Турсунзода, ки бо силсилаи шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон», «Ман аз Шарқи озод», достонҳои «Садои Осиё», «Чароғи абадӣ», «Ҷони ширин», «Ҳасани аробакаш», «Аз Ганг то Кремл» шӯҳрати назми тоҷикро дар нимаи дуюми асри бист ба пояи баландтарин расонд, Тоҷикистону тоҷиконро ба ҷаҳониён шиносонд.

**Ровии сеюм:** - Боиси хушнудиву сарфарозист, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, аз таърихи 7-уми майи соли 2001, ба Шоири халқии Тоҷикистон, Ходими намоёни ҷамъиятӣ, академик Мирзо Турсунзода унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

Ҳамду сано ба шоири миллат, ба муборизи матини сулҳ, ба фарзанди фарзонаи халқ!

(Ҳамагон дастҳоро бар ҳаво бардошта, оҳанги ҳамдилӣ дармедиҳанд: **- Ҳамду сано ба шоири миллат, ба муборизи матини сулҳ, ба фарзанди фарзонаи халқ!)**

Баробари фурӯ нишастани садо, аз карнайи радио шеъри устод Лоиқ дар васфи Мирзо Турсунзода «**Қитъаи шеър»** пахш карда мешавад:

**Ровии якум:**

***Диле дорӣ, ки дар он Осиё гунҷад,***
***Дар ӯ шӯр қиёми осиён гунҷад,***
***Дар ӯ занҷирҳо бигсаста аз дасти гуломон,***
***Дар ӯ ишкелҳо бишкаста дар пои асирон,***
***Дар ӯ яксон шуда зиндону маҳбасҳо,***
***Дар ӯ ҷо нест бар малъуну нокасҳо.***

**Ровии дуюм:**

***Варо ишқ ошён хонда,***
***Дар ӯ сулҳ ошён монда,***
***Ба монанди парасту дар баҳорон.***

**Ровии сеюм:**

***Дар ӯ рашку хусумат нест,***
***Дар ӯ гарде хушунат нест.***
***Дар ӯ аз ганҷҳои ҷовидона***
***Ба ҷуз ганҷи сухан, ганҷи муҳаббат нест.***
***Хушоянд он қадар буда,***
***Ки мӯҳтоҷи хушомад нест.***

Аз карнаи базмгоҳ таронаи бадахшонӣ (интихоби коргардон) садо медиҳад. Дар ҳавои он зану мард, духтарону писарон ва кӯдакон мерақсанд. Баробари ба охир расидани суруд, садои кафкӯбиҳо ва хандаву хушнудӣ бар ҳаво мехезад.

**Ровии якум:**

***Дуруди беҳад ба қаҳрамонон, ки Тоҷикистон вуҷуди онҳост,***
***Зи чор ҷониб тамоми халқаш ситода андар суҷуди онҳост.***
***Шараф бигӯем ба қаҳрамонон, ба қаҳрамонони Тоҷикистон!***
***Ба қаҳрамонони Тоҷикистон шараф бигӯем, шараф бар онон!***

Ҳамагон байти охирини ин шеъри Ато Мирхоҷаи Нерӯро ҳамчун нақароти суруди идона бо ҳамовозии тамом такрор мекунанд:

***Шараф бигӯем ба қаҳрамонон, ба қаҳрамонони Тоҷикистон!***
***Ба қаҳрамонони Тоҷикистон шараф бигӯем, шараф бар онон!***

**Ровии дуюм:**

***Ба Шоҳтемур–уқоби Помир, шаҳиди барҳақ, санову таҳсин!***
***Ба доди тоҷик расид чун шер алайҳи бедод алайҳи тавҳин!***

(Садои ҳамовозии мардум бар ҳаво мехезад: **Санову таҳсин ба Шоҳтемур, ки қаҳрамон аст!).**

**Ровии сеюм:**

- Ба Қаҳрамони Тоҷикистон Ширишоҳ Шоҳтемур, ки дар роҳи шарафу истиқлоли Тоҷикистон ҷони худро қурбон кард, сари таъзим фуруд меоварем.

Ҳамагон се маротиба: **- Сари таъзиму таҳсин фуруд меоварем!**

**Ровии якум:** - Ниҳоят ҳақ ба ҳақдор расид. Аз таърихи 27-уми июни соли 2006 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба фарзанди барўманди халқи тоҷик Ширишоҳ Шоҳтемур барои садоқату ҷонфишониҳояш ба халқу ватан унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

Зиндаву поянда бод руҳи фидокорони Ватан!

Нидои ҳамагон баланд мешавад:

**- Зиндаву поянда бод руҳи фидокорони Ватан!** (се маротиба).

Аз дуриҳои дур нидои қаҳрамони сарсупурда Ширишоҳ Шоҳтемур ба мисоли сурўши фариштагон ба гўш мерасад:

***Манам тоҷик, ғурурам тоҷикона,***
***Зи Сосониву Сомонам нишона.***
***Аз он фахрам, ки бозубанди Рустам***
***Бувад дар бозуи ман ҷовидона.***
***Накард аҷдоди ман сар хам ба душман,***
***Ситези ман аз ин буд бо замона.***

**Ровии дуюм:**

***Дубора зинда ҳам гардам, зи нав боз,***
***Шавам қурбони миллат бе баҳона.***

*Ало, эй ҳамватан, хуш омадӣ, хуш!*
*Маро ин хона бо ту ҳаст хона!*
*Магӯ, ки нестам дар паҳлуи ту,*
*Кашам чун оташ аз ҷонат забона.*
*Муборак рӯзи Ваҳдат, рӯзи қудсӣ,*
*Ки дорад бо Ватан моро ягона!*

**Ҳамагон** нидои хушнудӣ дардода ин ду байтро такрор мекунанд:

***Манам тоҷик, ғурурам тоҷикона,***
***Зи Сосониву Сомонам нишона.***
***Накард аҷдоди ман сар хам ба душман,***
***Ситези ман аз ин буд бо замона.***

Ин ҳангом садои доирадастон баланд мешавад, садҳо нафар хурду бузург андаруни майдони қаҳрамонон таҳти мусиқии шиддатнок ба рақс медароянд. Кӯдакон ба ваҷд омада покӯбону дастафшон ба калонсолон пайравӣ мекунанд

Ба майдони қарамонон таҳти садои карнайнавозон дастаи масхарабозон, ду нафар андар болои пойи чӯбини баланд, бо андоми рангину хандаовар ва ҳаракатҳои ҷаззоб, ишораву ханда ба сӯйи кӯдакон ҳунарнамоӣ мекунанд (интихоби таҳиягар).

Садои ғулғулаафкани карнай тадриҷан паст мешавад.

Дастаи гулдухтарони бо либоси миллии тоҷикӣ бисту панҷнафарӣ аз чор самт ба майдон давону хандон медароянд, зери мусиқии мутантан (интихоби таҳиягар),

чусту чолок мерақсанд. Аз миёни мардум ҷавонон дар гирду гӯшаи майдон **Бисту панҷ-Бисту панҷ,** гурӯҳҳои рақсиро ташкил карда, ба саҳна ҳусну таровват мебахшанд. Баробари ба охир расидани рақс, аз майдон берун рафтани раққосон, ҳунарманде (ҳаваскоре) дар андоми Нусратулло Махсум рӯйи саҳна меояд, баъди салому таъзим мегӯяд:

***Ҳар кӣ дорад ғурури тоҷикӣ,***
***Чеҳрааш пур зи нури тоҷикӣ.***
***Метавон бо шуури тоҷикӣ***
***Чархи гардун ба зер овардан!***

***Панҷаву бозуи қавӣ бояд,***
***Илму андешаро навӣ бояд.***
***Сарвати беши маънавӣ бояд,***
***То ниҳад душманат туро гардан!***

***Ман барои Ватан фидо гаштам,***
***Сӯхтам, сӯхтам, адо гаштам.***
***Гарчи қурбони дағо гаштам,***
***Сари ман хам надид як душман!***

***Миллатам, посдори имон бош!***
***Мазҳари чашмаи хурӯшон бош!***
***Лаъл дар синаи кӯҳистон бош!***
***Ҷони сад чун мане фидои Ватан!***

*Ато Мирхоҷаи*
*Нерӯ*

Аз дурии дур нидое чун суруши фариштаҳо ба гӯш мерасад:

## Ҷони сад чун мане фидои Ватан!

Ин ҳангом аз карнайи радиои базмгоҳ суруду мусиқии Шашмақом садо медиҳад (интихоби таҳиягар). Мардуми дар майдони қаҳрамонон ҷамъомада ба самти пеши базмгоҳ ҳаракат мекунанд.

## Гардунаи гардон

Майдончаҳои хурду калоне дар самти чапу рост пеш меоянд. Дар канори пайроҳаҳо растаҳо. Аз тарафи чап растаи китоб, адабиёти навтарини илмию адабӣ, ирфонӣ ва маҷаллаву рӯзномаҳои замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ин асно аз дарвозаи канори ҷашнгоҳ ҷавонмарди озодалибос аспи офтобранги зину афзораш мурассаъ ва аробаи чаҳорчархаи нақшинкориро ронда, ба майдони қаҳрамонон наздик мешавад. Се сухангӯйи базм бар ароба нишаста, дар даст баландгӯяк, вобаста ба суръату ҳаракати мардум, барандагӣ мекунанд.

(Аспу ароба ва сарулибоси ровиён мувофиқи маслиҳати таҳиягар зебу зиннат дода шудаанд).

Ароба дар наздикии растаи матбуоти даврӣ қарор мегирад.

**Ровии якум:** - Ҳамдиёрони азиз! Ба базмгоҳи Бисту панҷсолагии Истиқлоляити давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон хуш омадед! Басо хушу гуворост, ки дар ин рӯзи фархундаву нишот китоби Бисту панҷсолагии Истиқлолияти давлатии ватани азизамон, нуктаҳои асосию ҳидояткунандаи «Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро аз таърихи 20 январи соли 2016, варақ мезанем, саҳифаҳои дурахшони фатҳу зафарҳоро ёдовар мешавем.

**Ровии дуюм:** - Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 404 адад рӯзномаву маҷалла ба табъ мерасад, ки аз он 250-тояш хусусӣ мебошад. Соли 1991 ҳамагӣ 139 адад рӯзномаву маҷалла интишор меёфт, ки аз он чортояш хусусӣ буд. Ҳоло 44 шабакаи радиотелевизионӣ фаъолият мекунад, ки аз ин миқдор 28-тояш хусусӣ мебошад.

Ҳамду сано ба рӯзноманигорон, паёмоварони беҳтарин навигариҳои замони истиқлолият!

(Садои ҳамагон баланд мешавад: - Ҳамду сано, ҳамду сано, ҳамду сано!)

Дар замони истиқлолият шашсад номгӯй асари адибони классикиву муосир ба табъ расид.

Нашри силсилаи осори панҷоҳҷилда бо унвони **«Ахтарони адаб»** идома дорад, ки ташаббускори он Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Дуруд ба суханофарандагони замон, нависандагони муосири тоҷик устод Мӯъмин Қаноат,

Лоиқ Шералӣ, Аскар Ҳаким, Низом Қосим, Абдулҳамид Самадов, Муҳаммад Ғоиб, Ҳақназар Ғоиб, Гулназар, ки дар замони истиқлолият шӯҳрати ҷаҳонии адабиёти тоҷикро идома мебахшанд!

(Садои ҷумла мардум чун мавҷе ба муҳит паҳн мешавад: **- Дуруд ба офарандагони сухан!** (се маротиба).

Суруди классикӣ садо медиҳад, таҳти мусиқии Шашмақом (интихоби таҳиягар).

Ин замон аз карнайи радиои майдон овози Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд мешавад:

**«Фарҳанг ва ҳунари воло дар ҳама давру замон ҳамчун василаи муҳимми муаррифи халқу кишвар ба ҷаҳониён шинохта шудааст».**

Ин ҳангом мардум гулбаргҳои кафи дасташонро бар ҳаво мепошанд, вараqи гулҳои рангоранг монанди сели барфии дар равшании барқ резанда,рӯйи сабзаи канори пайроҳаҳоро гулгун мегардонад.

Нидои ҳамагон монанди селаи мурғони кӯчӣ бар ҳаво мехезад:

**- Комгару зафарманд аст Эмомалӣ Раҳмон, Пешвои миллати мо** (се маротиба)!

**Ровии сеюм:** - Дар замони истиқлолият ҳунармандони мо ба зиёда аз панҷоҳ кишвари ҷаҳон сафар карда, дар ҷашнвора, озмуну фестивалҳо санъату ҳунари халқи тоҷикро намоиш додаанд.

Фақат дар соли 2010-ум онҳо ба бист мамлакати дунё сафар карданд.

Зинда бод санъату ҳунари ҷаҳонгири халқи тоҷик!

(Суруде дар васфи Тоҷикистон садо медиҳад, дар ҳавои он гаштугузори мардум идома дорад (интихоби таҳиягар).

Гардунаи гардон дар ҳаракат.

**Ровии якум:** - Ба саҳифаҳои таҳкими давлатдории навини халқамон назар андозем:

- 29-31 августи соли 1991 маҷлиси ғайринавбатии Шӯрои Олии РСС Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он Қонун дар бораи ба Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил додани РСС Тоҷикистон қабул карда шуд.

**Ровии дуюм:** - 16-уми ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби ноҳияи Хуҷанд, сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, ки дар он Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

**Ровии сеюм:** - 2-юми марти соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид дохил шуд.

**Ровии якум:** - Шашуми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Дар интихоботи умумихалқӣ Эмомалӣ Раҳмон Президенти Тоҷикистон интихоб гардид.

**Ровии дуюм:** - 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расид.

Ба ин муносибат саҳифаи наве дар назми замони истиқлолият боз гардид, ки оғозгоҳаш шеъри устод Лоиқ «Сулҳи деринтизори мо омад!» унвон дорад:

***Раҳми Парвардигори мо омад,***
***Нури ҳақ бар диёри мо омад.***
***Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,***
***Сулҳи бунёдкори мо омад.***

**Ровии сеюм:**

***Ахтари наҳс аз сари мо рафт,***
***Ахтари саъд ёри мо омад.***
***Кӯҳсоро, бибахш пастии мо,***
***Нангу ному виқори мо омад.***

**Ровии якум:**

***Ҳоли зору низори мо бигзашт,***
***Вақти ҷуду нисори мо омад.***
***Ҷанги девонавори мо бигзашт,***
***Сулҳи деринтизори мо омад.***

Баробари ба охир расидани қироати шеър оҳанги ҳавохоҳии мардум муҳитро монанди барқ равшан намуд:

- Шеъри намирандаи Лоиқ бо мост! (се маротиба).

**Ровии дуюм**: - 6-уми ноябри соли 1999 дар интихоботи Президентӣ Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид.

**Ровии сеюм**: - Якуми январи соли 2003 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи «Сиёсати дарҳои боз» изҳорот дод.

**Ровии якум:** - 6-уми ноябри соли 2006 рӯзи интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он Эмомалӣ Раҳмон зафарманд гардид, шаффофияти онро 168 нафар нозирони байналмилалӣ муоина карданд.

Ин ҳангом нидои мардум бар ҳаво мепечад: - **Мо ҳомии ростиву равшанием!** (се маротиба).

Суруди идонаи халқӣ садо медиҳад (интихоби таҳиягар).

Гардунаи гардон пеш меравад. Дар растаи неъматҳои моддӣ қарор мегирад, ки намунаи маҳсулоти ғалладона, меваҳои хушку тар, анвои маҳсулоти полезӣ, чорвою парранда гузошта шудаанд.

## Ҳикояти рақамҳо

**Ровии дуюм**: - Аз китоби Бисту панҷсолагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳифаҳои иқтисодиёти ватанро варқгардон мекунем.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаш

ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати Ҳукуматро нисбат ба шаҳрвандон чунин муқаррар кардааст:

«**Муҳайё намудани шароити ҳарчи беҳтари зиндагӣ барои сокинони кишвар ҳадафи олитарини фаъолияти Президент ва Ҳукумат мебошад**».

Аз соли 1995 нисбатан ба танзим даромадани иқтисодиёт оғоз гардид. Агар онро бо забони рақамҳо ифода намоем, ҳайратафзо менамояд. Ҳаҷми даромади буҷет дар соли 1997 **10 миллион,** соли 2000-ум **250 миллион,** соли 2011-ум **8,3 миллиард** сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба соли 1997 **ҳафтоду панҷ маротиба** зиёд мебошад.

«Буҷети соли 2016 бо дарназардошти истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда ва иҷрои афзалиятҳои миллии муайяншуда дар ҳаҷми 18 миллиарду 300 миллион сомонӣ қабул шудааст, ки нисбат ба соли 2015 беш аз 3 миллиард сомонӣ ё 20 фоиз зиёд мебошад»

Ҳозирон покӯбону дастафшон нидои шодмонӣ дармедиҳанд:

- **Сано хонем, офарандагони неъматҳои моддиро**! (се маротиба).

**Ровии сеюм:** - Аз Давраи соли 1997 то имрӯз ҳаҷми моҳона тақрибан **70 баробар**, андозаи миёнаи нафақа **85 баробар** афзуд.

«Аз якуми июли соли равон… музди меҳнати кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва

хизматчиёни ҳарбӣ **15 фоиз**, кормандони муассисаҳои маориф…, илм, фарҳанг, варзиш ва тандурустӣ **20 фоиз**, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ… **25 фоиз** зиёд карда мешавад».

(Аз карнайи радиои базмгоҳ суруди мутантане аз Шашмақом садо медиҳад–интихоби таҳиягар).

**Ровии якум:** - Маҳсулоти саноатӣ дар давоми солҳои 1997-2010 ҳар сол ба ҳисоби миёна **9 фоиз** афзудааст. Соли 2010 нисбат ба соли 1997 **– 2,8 баробар** зиёд маҳсулот истеҳсол карда шудааст.

«Истеҳсолоти саноатӣ… сарчашмаи даромади буҷети давлатӣ ва дар маҷмӯъ, омили муҳимтарини ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ мебошад… Барои сохтмони аксари иншооти муҳим ва воридоти таҷҳизоту технологияҳои замонавӣ низ як силсила имтиёзҳо муқаррар гардида, маблағи умумии онҳо дар шаш соли охир **20 миллиард** сомонӣ ва танҳо дар соли гузашта **4 миллиард** сомониро ташкил кард».

**Ровии дуюм:** - Дар соҳаи рушди шаҳру ноҳияҳои мамлакат, дар давоми даҳ соли охир, аз ҳисоби буҷети мамлакат ва дигар сарчашмаҳо ба маблағи бештар аз **30 миллиард** сомонӣ сарф шудааст.

**Ровии сеюм:** - Дар солҳои истиқлолият барои **141 ҳазор оила** беш **аз 8,4 миллион** метри мураббаъ манзили истиқоматӣ сохта, ба истифода дода шуд.

Дар тӯли даҳ соли охир қариб **1 миллион** ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфт.

Аз карнайи радио садои ошнои Пешвои миллат, ба муҳит паҳн мешавад, овози Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон:

**«Рушди соҳаи маориф яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлати мо эълон шудаст».**

(Ин ҳангом садои думбранавоз ва замзамаи ҳофизи гурӯғлихон, ки болои кат чаҳорзону нишастаанд, дар ҳалқаи пирони рӯзгордида, шунида мешавад, дар ҳавои он гурӯҳи писарон ба рақс медароянд).

**Ровии якум:** - Ҳукумати Тоҷикистон соли 2008-ум «Барномаи давлатии сохтумон ва таъмиру азнавсозии мактабҳоро барои солҳои 2008-2015» қабул намуд, ки маблағи умумии он 600 миллион сомониро ташкил медиҳад.

**Ровии дуюм:** - Дар замони истиқлолият дар миқёси мамлакат 1200 бинои мактаби ҳозиразамон, барои 311 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шуд.

**Ровии сеюм:** - Ҳоло дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишварамон аз 28 мамлакати ҷаҳон қариб 3500 нафар донишҷӯёни хориҷӣ таҳсил мекунанд.

Солҳои 1997-2010 бо квотаи Президентӣ даҳ ҳазор ҷавонон, аз он ҷумла 7500 нафар духтарон, аз ноҳияҳои дурдаст ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

**Ровии якум:** - Ҳоло дар Тоҷикистон 84 мактаб-интернат фаъолият мекунад, ки дар он 8300 нафар фарзандони бесаробонмонда, аз он ҷумла 2000 нафар духтарон, тарбияву таълим мегиранд.

Аз карнаи радиои базмгоҳ садои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон баланд мешавад:

**«Пешниҳод мегардад, ки тарзи фарзандхонӣ сода кардашуда, ба шахсоне, ки мехоҳанд чунин кӯдаконро ба фарзандӣ қабул намоянд, имконоти мусоид фароҳам оварда шавад».**

(Ин лаҳза садои суруди эстрадӣ аз карнаи радиои базмгоҳ баланд мешавад, гурӯҳ-гурӯҳ мардум дар саросари майдон ба рақс медароянд (интихоби таҳиягар).

**Ровии дуюм:** - Ба муносибати қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муносибат ба забони модарӣ куллан тағйир ёфт. Ҳоло дар ҳамаи сатҳҳои идораи давлатӣ ҳуҷҷатгузорӣ ва маҷлисоройӣ бо забони давлатӣ сурат мегирад.

Аз карнайи радиои базмгоҳ садои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон пахш карда мешавад:

**«Дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба омӯзиши забони давлатӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа дода, дар баробари ин донистани ҳатмии ду забон, хусусан забони русӣ ва англисиро ҷорӣ намоем».**

(Ин ҳангом аз карнайи радиои базмгоҳ шеъри Бозор Собир «Забони модарӣ» садо медиҳад):

***Душмани донишгадояш «Дониш»-и Сино гирифт,***
***Душмани бесуннаташ девони Мавлоно гирифт,***
***Душмани суратпарасташ сурати Беҳзод бурд,***
***Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.***
***Оҷ гум карду забонро гум накард,***
***Тоҷ гум карду забонро гум накард,***
***Тахт гум карду забонро гум накард,***
***Бахт гум карду забонро гум накард.***
***Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон,***
***Сарҳади тоҷик –***
***Забони тоҷик аст,***
***То забон дорад Ватандор аст ӯ,***
***То забондор аст бисёр аст ӯ,***
***Бешумор аст,***
***Беҳисоб аст, бе ҳад аст.***

**Ровии сеюм:** - Дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми зан дар ҷомеа зинабазина баланд гардид. Интишор ёфтани фармони Президенти мамлакат «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», Қарори Ҳукумат оиди «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» гувоҳи ин мебошад.

Ҳоло 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ ва ё 6 ҳазор нафари ин тоифаро занон ташкил медиҳанд.

(Суруде дар васфи зан-модар садо медиҳад, интихоби таҳиягар).

**Ровии якум:** - Яке аз дастовардҳои замони истиқлолият истиқлолияти энергетикии мамлакат мебошад. Дар ин давра дар маҷмӯъ 241 неругоҳи барқи обии хурд сохта ба истифода дода шуд.

Неругоҳи барқи обии Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2 ба кор даромад. Алҳол сохтмони неругоҳи бузургтарини мамлакат Роғун идома дорад.

**Нидои ҳамагон**: - Зинда бод синфи коргари нурофарини замони истиқлолият, ки бо зӯри бозуяш қаламрави сарзамини тоҷикон чароғон мешавад!

(Аз карнаи радиои базмгоҳ суруди мутантан дар васфи Тоҷикистон садо медиҳад, интихоби коргардон).

Дар тӯли базм аробаи ровиён пайваста дар ҳаракат аст ва назди растаҳо, майдончаҳо вобаста ба зарурат қарор мегирад.

**Ровии дуюм:** - Роҳҳо ба мисоли шоҳрагҳои хунгарди тан қитъаҳои сарзамини Тоҷикистонро ба ҳам мепайванданд.

Соли 2011 дар асоси се лоиҳаи нав сохтмони марҳалаи сеюми роҳҳои мошингарди Кӯлоб-Қалъаи Хумб, Шоғун-Зиғар ва таҷдиди роҳи мошингарди Душанбе-Турсунзода ба маблағи умумии зиёда аз 4,5 миллиард сомонӣ оғоз мегардад.

Сохтмони ду нақби нақлиётии Чормағзак ва Шаҳристон, бо дарозии умумии қариб **10 километр**,ба охир расид.

Шаъну шараф ба роҳсозони мамлакат, пайвандгари шаҳру ноҳияҳо, арзу тӯли мамлакат!

(Садои ҳамагон бар ҳаво мепечад: - Шаъну шараф ба роҳсозон, пайвандгари шаҳру ноҳияҳо, арзу тӯли мамлакат!)

Суруди халқии мутантан садо медиҳад, интихоби таҳиягар.

**Ровии сеюм:** - Дар замони истиқлолият дар фарҳанги ҷаҳоншумули тоҷик саҳифаҳои нав боз гардид. Ҷашнвораҳое барпо гардиданд, ки аҳамият ва арзиши ҷаҳонӣ доранд.

**Ровии якум:** - Ҳазорсолагии «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ, 1100-солагии давлатдории Сомониён, 800-солагии Ҷалолиддини Румӣ, 1150-солагии Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ва дар пойтахти ватанамон бунёд гардидани Боғи устод Рӯдакӣ ва муҷассамаи ӯ, эълон гардидани соли 2009–Соли Имоми Аъзам, 3000-солагии Ҳисори Шодмон, 700-солагии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ аз ҷумлаи онҳост.

Шаъну шараф ба нобиғаҳои фарҳанги тоҷик, ки дар тамаддуни ҷаҳон ҳиссаи арзанда гузоштаанд!

(Садои издиҳом боло мешавад: - Шаъну шараф ба нобиғаҳои фарҳанги тоҷик!)

(Аз карнаи радиои базмгоҳ суруди шӯхи рақсии халқӣ садо медиҳад, интихоби коргардон).

Баробари ба охир расидани суруд ва тадриҷан паст шудани оҳанг садои ровӣ баланд мешавад.

**Ровии дуюм:** - Яке аз дастовардҳои замони истиқлолият ин аст, ки дар ҳамаи шохаҳои давлатдорӣ заминаи миллии онҳо, ки анъанаи дерин доранд, барқарор карда шуд. Маҷлиси миллӣ, Донишгоҳи миллӣ, Консерваторияи миллӣ, Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Қасри миллат, Кумитаи олимпии миллӣ, ошхонаву тарабхонаҳои миллӣ бунёд гардиданд.

**Ровии сеюм:** - Дар ин номгӯй маъниву моҳияти сухан дар калимаи **миллӣ** ифода ёфтааст, ки он ба халқи куҳанбунёди тоҷик тааллуқ дорад ва ба мазмуни мамлакати тозабунёд–Ҷумҳурии Тоҷикистон оҳанги гувороеро зам мекунад. Яке аз нишонаҳои ҳувияти миллӣ ана ҳамин аст.

Ин ҳангом аз карнайи радиои базмгоҳ садои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон пахш мешавад:

**«Барои эмин мондан аз таъсири манфии раванди фарогири ҷаҳонишавӣ, тафаккури солими миллиро дар зеҳни ҷавонон инкишоф додан, арзишҳои миллии худро аз таҳдидҳои хатаровари таҳрибкориву тундравӣ ҳифз кардан, ваҳдати миллиро таҳким бахшидан, амнияту суботи ҷомеаи кишварро мустаҳкам намудан, сатҳи огоҳии мардум, хусусан ҷавононро баланд бардоштан, аз ҷумлаи**

**корҳои доимӣ ва заҳматталаби сиёсати давлатдорӣ ва фарҳангии мо мебошад».**

**Ровии якум:** - Зинда бод Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон! Поянда бод Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон!

(Хурӯши ҷавонон дар муҳит танин меандозад: Зинда бод пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон).

Ин замон аз карнаи радиои базмгоҳ суруди васфӣ дар бораи миллат садо медиҳад, интихоби когардон.

Гардунаи гардон пеш меравад. Растаҳои ҳунари халқӣ: гулдӯзӣ, сарулибоси миллӣ, асбобу анҷоми ороиши хона; растаи устоҳои чирадасти кандакорӣ: дарвоза, болор, васса, олоти рӯзгор; растаи асбобҳои рӯзгор аз оҳан: дос, табар, теша, каланд, бел, гулмех, занҷира, қулфу калид, бухорӣ, чойник, нова ва ғайра.

## Майдончаи «Бахтофарин»

Гардунаи гардон баъди чандин маротиба давр задани базмгоҳ дар пешгоҳи он қарор мегирад. Ин ҳангом ҳамаи навозандагон: карнайнавозон, сурнайнавозон, доирабадастон, думбранавозон, найнавозон; масхарабо-зон, дорбозон, аспаксаворон, дастаҳои раққосон, ҳофизон, гурӯғлихонон ҳама дар маркази базмгоҳ гирдогирд давра ороста, ончуноне ба навохтан, рақсидан оғоз мекунанд, ки садояшон дару девори майдонро меларзонад.

Гурӯҳи ҳофизон дар либоси миллӣ сурудеро дар ҳавои мусиқии классикӣ дар васфи Тоҷикистон замзама мекунанд (интихоби коргардони базм).

Дар пешгоҳи майдон аз колои ҳаворанг дар шакли нимдоира, ба мисоли моҳи ҳилоли осмон, чодари андозааш даҳ бар панҷоҳ кашида.

Дар фазои болои пештоқи айвон, андар миёнаҷо сурати китоби калоне, андозааш ду бар шаш метр, муқоваааш кушода, саҳифаҳо андарун, рӯйи муқова андарбурун. Ин ҳамон китобест, ки бо номи «Бахтофарин» нашриёти «Адиб» соли 2011 ба табъ расонидааст.

## Тарҳи майдонча

Мизҳои дуқатора ба дарозо гузошташуда, болояшон бо колаи маҳини кабудфом густурда. Дар миёни мизҳо ва самти паси онҳо рафчаҳои симин.

Дар қатори пас, дар рафчаҳои симин бисту панҷ сурати зеботарини Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар замони истиқлолият. Суратҳо тарзе интихоб гардида, ки солномаи замони мазкурро ва андоми сарвари давлатро ифода мекунанд ва тарзе ба намоиш гузошта, ки ҳусн ва латофат доранд.

Дар қатори дуюм, аз чап ба рост, нашрҳои нодири асарҳои Эмомалӣ Раҳмон, аввал ба забони тоҷикӣ, пас русӣ, пас англисӣ ва ба забонҳои дигари халқҳои ҷаҳон: «Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи

миллӣ», «Тоҷикистон даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ», «Тоҷикон дар оинаи таърих», «Президенти мо! Эмомалӣ Раҳмон».

Дар қатори сеюм, асарҳои илмӣ, таърихӣ оид ба фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва таъриху эҳёи Тоҷикистони соҳибистиқлол, аз он ҷумла нашри русӣ: Зафар Саидов «Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе»; Зафар Саидов, Абдунабӣ Сабуров «Таджикистан на рубеже тысячелетий: Реализация национальных интересов на международной арене», «История таджикского народа» ва ғайра.

Дар қатори чорум силсилаи асарҳои адабии «**Ахтарони адаб**».

Андар миёни рафҳо ва гӯшаву канорҳо суратҳои нисбатан хурдҳаҷми Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, мамолики хориҷӣ ва ходимони бузурги сиёсии ҷаҳон.

Айвони намоиши китоб ва сурат, ки аз фаъолияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат ҳикоят мекунад, ба тарзи хоса ва ҳавасангез ороиш ёфтааст. Лабакии колои айвони нимдоирашакл шерозаи зебо, парпара ва ҳамели гулҳои зинда, нақшу нигораҳои дилрабои манзараҳои Тоҷикистонро дорад. (Таҳиягар ва ороишдиҳандаи базм дар ин маврид метавонад аз дастовардҳои рассомони манзара ва чеҳранигор истифода баранд).

Мардуми базмгоҳ ин ҳангом, ки ба тамошои майдончаи бахтофарин саргарманд, баробари тадриҷан паст шудани садои оҳангу суруд, байни худ суҳбат

меороянд, солҳои гузашта, мушкилоту пешравиҳои замони истиқлолиятро ёдовар мешаванд.

Ин замон садои ровиён баланд мегардад.

**Ровии якум:** - Мо дар Майдончаи Бахтофарин қарор дорем. Тамоми халқи дунё медонад, киБахтофарини халқи тоҷик дар замони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мо Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

**Ровии дуюм:** - Эҳсосу эътиқоди халқи моро адибонамон бо сухани нобу равшан нисбати ин абармарди замона ифода кардаанд. Биёед, лаҳзае ба садои дили онҳо гӯш андозем, қаламкашонро ба саҳна хонем.

(Ровӣ шоиронро як-як ном мебарад, ҷавонони қироаткунанда дар лиқои муаллифи шеър пораҳо мехонанд, мардум ба шодбошии онҳо кафкӯбӣ мекунанд).

**Ашӯр Сафар:**

***Ҷомаи сулҳ ба тан омадаӣ,***
***Ба даҳан қанди сухан омадаӣ.***
***Ба замин не, ба ҳаво не, ба куҷо?***
***Сар-сари дидаи ман омадаӣ.***

***Ҷомаи тоза муборак бошад,***
***Ҳусни шероза муборак бошад.***
***Раҳи пурнур дар он метобад,***

*Зи роҳи нурфикан омадаӣ.*

**Аскар Ҳаким:**

*Ман бандаи адлу шарафу ораму нангам,*
*Аз бурҷи тарозуяму аз соли наҳангам.*
*Бо фарри шаҳӣ дода шудам чун ба халоиқ,*
*Бо халқи худо дар ду ҷаҳон ҳеҷ наҷангам.*
*Биштофтам аз варта раҳонам ватани хеш,*
*Дар роҳи садоқат набувад ҳеҷ дирангам.*
*Дар роҳи ризо мекунам ин ҷону ҷигар об,*
*То об зи як ҷӯ хӯрад оҳуву палангам.*

**Гулназар:**

*Зиндагиро пурнаво кардӣ, ташаккур,*
*Синаҳоро пурсафо кардӣ, ташаккур,*
*Аз дигар моро ту мо кардӣ, ташаккур,*
*Дар роҳи меҳру вафо кардӣ, ташаккур.*
*Зинда бошу зиндагӣ омӯз моро,*
*Ҳамчу хуршеди саҳар афрӯз моро.*

**Низом Қосим:**

*Аз миён бархост ногаҳ тоҷбарсар тоҷике,*
*Мулкро кард аз хатар огоҳ бофар тоҷике.*
*Тоҷиконро ҷамъ овард аз ҳама дар тоҷике,*
*Зарра-зарра, ҳамчу аз реги равон зар, тоҷике.*

*Эй Ватан, ҳар лаҳзаи бахти ту сад соли дил*
*аст,*
*Рӯзи Истиқлоли ту Наврӯзи иқболи дил аст.*

*Ҳар даму ҳар рӯзи Истиқлол хуш фоли дил аст,*
*Ҳар даму ҳар рӯзи Истиқлол як боли дил аст.*

**Ҷумъа Қуввват:**

*Ҷумла олам дар раҳи Ваҳдат агар чун тан бувад,*
*Тоҷикистон то ҷаҳон боқист, ҷони Ваҳдат аст.*
*Офтоби дӯстӣ з-ин мулк бинмояд тулӯъ,*
*Ҳамчу нони тоҷикӣ болои хони Ваҳдат аст.*
*Раҳ бикшоем андар синаи кӯҳу камар,*
*Ин тавоноӣ ҳам аз зӯру тавони тоҷик аст.*
*Оламе чун Ваҳдати моро намояд пайравӣ,*
*Пешвои оқиле бар пайравони миллат аст.*

**Муҳтарам Ҳотам:**

**Тоҷикистон, машриқи хуршеди меҳри ҷони мо,**
**Асли мо, эҳёи мо, оғози мо, сомони мо.**
**Гар «Авасто» беҳтарин панди ватандорӣ бувад,**
**«Шоҳнома» буд бешак, номаи даврони мо.**

**Шераку Деваштичу Темурмалики номдор,**
**Испитамону Муқаннаъ – ифтихору шони мо.**
**Эй диёри Ориёно, эй Тахор, эй Бохтар,**

**Эй Хуросон, Суғду Қўшон, Ҷамбули Мастони мо.**

**Эй Бадахшону Зарафшону Ҳисори Шодмон,**
**Вахши зарбахшу Хуҷанду Рашти мо, Хатлони мо.**
**Кўр бодо ҳар касе бар ту хиёнат мекунад,**
**Қуввату неруи мову нур дар чашмони мо.**

**Ҳар ки андар ҳифзи ту ҷон месупорад, зинда бод,**
**Эй ба ҳифзат ҷон супурдан аҳди мо, паймони мо.**

## Сироҷиддин Икромӣ

*Тоҷикистон тўй дорад, меҳмононаш бубин,*

*Аз Яман, аз Чину Афғон, Ҳинду Эронаш бубин.*

*Мерасад ҳар ҷо ба гўш овои чангу тору най,*

*Ҳамнавоийи варо бо андалебонаш бубин.*

*Навбаҳорон рафта, кайҳо фасли поиз омада,*

*Чун баҳорон боғу бўстону гулистонаш бубин.*

*Пойтахти тоҷикон саршор аз ҳусну зиёст,*

*Дар қудуми меҳмонон нурафшонаш бубин.*

*Тоҷикони ҷумла олам ҷамъ дар як маҳфиланд,*
*Юсуфи гумгаштаро аз нав ба Канъонаш бубин.*
*Тоҷиконро Ибни Аҳмад гар ба ҳам оварда буд,*
*Иттиҳоди ӯ кунун аз сӯйи Раҳмонаш бубин.*
*Рӯ ба асли хеш овардаст, тоҷик ин замон,*
*Ворисӣ шаъну шукӯҳи Оли Сомонаш бубин.*

Аз карнайи радио мусиқии маҳину таскинбахшанда танин меандозад. Мардум гурӯҳ-гурӯҳ дар хаймаҳое, ки хӯроки идона, нӯшокиҳо гузошта шудааст, менишинанд ва дар ҳавои мусиқии классикӣ ва сурудҳо дар васфи Тоҷикистон, осоишу фароғат меёбанд ва хушҳолона, оҳиста-оҳиста аз базмгоҳ берун мераванд.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1.Бахтофарин: Маҷмӯаи шеърҳо, мақолаҳо ва очеркҳо / Мураттибон Ф. Каримов, Г. Сафар. – Душанбе: Адиб, 2011.

2. Иттилоия // Ҷумҳурият. – 2016. – 23 январ.

3. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2015.

4. Раҳмон, Э. Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 январи соли 2016 // Ҷумҳурият. – 2016. – 21 январ.

5. Собир, Б. Аз «Гули хор» то «Симхор». – М., 2003.

6. Турсунзода, М. Осори мунтахаб. Иборат аз ду ҷилд: Шеърҳо. – Душанбе: Ирфон, 1981. – Ҷ.1.

7. Шералӣ, Л. Куллиёт. Ашъор. – Душанбе: Адиб, 2008. – Ҷ.1.

8. Дипломатия Таджикистана: вчера и сегодня / Серия: Внешняя политика Таджикистана; под общей ред. Х. Зарифи. – Душанбе: Ирфон, 2009.

**Мундариҷа**

Оғози сухан………………………………………………3.
Ин Ватан зинда дар ҷаҳон мебод………..………………....5.
Мазмун ва моҳияти ҷашни Истиқлол……………...……5.

Дар бахши сиёсат ва таҳкими давлатдорӣ……………...5.
Дар бахши иқтисодиёт…………………………………....6.
Дар бахши рушди шаҳру ноҳияҳо ва манзили истиқоматӣ……………………………………………...8.
Дар бахши маориф………………………………..……..8.
Дар бахши истиқлолияти энергетикӣ……………………9.
Дар бахши сохтумони роҳҳо……………………………9.
Дар бахши фарҳанг ва санъат…………….………..10.
Дар бахши ҳувияти миллӣ…………….……………11.
Дар бахши забони давлатӣ………………………………11.
Дар бахши мақоми зан дар ҷомеа…………..……………12.
Номаи раҳнамо…………………………….……………..13.
Тарзи ороиши базмгоҳи ҷашни Бисту панҷсолагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон………13.
Намунаи шиорҳо ва овезаҳо………………….……14.
**Сенарияи якум: Ин Ватан зинда дар ҷаҳон мебод...16.**
Пайки истиқлол…………………………………..…...16.
Базм дар остона………………………………………...17.
Дарвозаи мунаққаш……………………………………17.
Ороиши базмгоҳ…………………………………………18.
Намунаи матни шиорҳо…………………..……………19.
Дар васфи устод Айнӣ…………………………………..20.
Дар васфи аллома Бобоҷон Ғафуров……………..…20.
Дар васфи устод Мирзо Турсунзода…………………...21.
Дар васфи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон………...21.
Дар васфи Шириншоҳ Шоҳтемур……………………..21.
Дар ситоиши Нусратулло Махсум……………..……..21.
Аҷам ҷамъ аст…………………………………….……..23.
Намунаи пораҳои манзум барои ровиёни базм……....23.

**Сенарияи дуюм: Ватан, бо роҳи ту замон меравад.........27.**
Ҳусни оғоз…………………………………………….…27.
Истиқболи пайки истиқлол……………………………29.
Базм дар остона………………………………………….30.
Дарвозаи мунаққаш……………………………………..32.
Майдончаҳои қаҳрамонон………………………………33.
Ҳикояти рақамҳо…………………………………………47.
Майдончаи «Бахтофарин»……………………….………54.
Тарҳи майдонча………………………………..……….55.
Адабиёти истифодашуда………………………….…60.

**Министерство культуры Республики Таджикистан**
**Научно-исследовательский институт культуры и информации**

**Хасани Мухаммади**

**ЭТО СТРАНА ВЕЧНО ОСТАЁТСЯ В МИРЕ**

**Примерные сценарии празднования к 25-летию Государственной независимости Республики Таджикистан в городах и районах**

**На таджикском языке**

**Редактор**
***Ш. Комилзода***

***Рецензент***
***М. Муроди***

Ба чоп 22. 02. 2016 имзо шуд. Андозаи 60X84 1/16.
Коғази офсетӣ. Ҳуруфи TimesNewRomanTj.
Чопи офсет. Ҷузъи чопии шартӣ 4.
Адади нашр 150.
Супориши № 02/16 Нархи шартномавӣ.

Китоб дар чопхонаи ҶДММ «Аржанг» ба табъ расидааст.
734025, ш. Душанбе, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода, 155.